# Омӯзиши фалсафа

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

**Ба номи Худованди Маннон**

Чунон ки ваъда дода будам, пас аз омӯзиши мантиқ ба омӯзиши фалсафа шурӯъ мекунам. Дар ин баҳсҳо саъй мекунам, бо забони сода мабоҳиси фалсафиро тарҳ кунам. Дар баҳсҳои ин китоб, аз китоби «Ошноӣ бо улуми исломӣ»-и Устоди шаҳид Муратозо Мутаҳҳарӣ қисмати «Фалсафа» баҳра ҷуста шудааст.

Инак, баҳси аввал:

**Фалсафа чист?**

Агарчӣ сару кори мо дар баҳсҳои фалсафӣ маъност, на лафз, вале дар оғоз лозим аст каме дар бораи вожаи фалсафа ҳам тавзеҳ дода бишавад. Вожаи фалсафа решаи юнонӣ дорад ва талаффузи юнонии он **филусуфиё** (*philosophia*) аст. Вожаи *philosophia* таркибёфта аз ду калима аст: *philo* ва *sophia*. Калимаи *philo* ба маънии **дӯстдорӣ** ва калимаи *sophia* ба маънии **доноӣ** ё **дониш** аст. Пас калимаи *philosophia* ба маънии **дӯстдории доноӣ** аст ва Афлотун Суқротро филусуфус (*philosophes*) яъне дӯстдори доноӣ ё дӯстдори дониш мехонд.

Аммо ин ки чаро Афлотун Суқротро **дӯстдори дониш** мехонд, на **донишманд**, худаш достоне дорад. Ва он ин ки қабл аз Суқрот гурӯҳе падид омаданд, ки худро **суфист** (*sophist*) яъне **донишманд** меномиданд. Суфистҳо идроки инсонро миқёс ва меъёри воқеият мегирифтанд; ба ин маъно, ки агар ду нафар бар хилофи якдигар идрок бикунанд, ҳар ду дуруст аст. Ва барои исботи ин муддаъо, ба гумони худ далелҳои аҷибу ғарибе ҳам меоварданд ва муғолата мекарданд. Яке аз суфистҳои маъруф Прутогурос (*Protagoras*) аст. Вай мегӯяд, миқёси ҳама чиз инсон аст. Ҳар касе ҳар ҳукме, ки мекунад, мутобиқи он чизе аст, ки фаҳмида, пас ҳақ аст. Зеро ҳақиқат ғайр аз он чӣ инсон мефаҳмад, чизи дигаре нест, ва чун инсонҳо ба таври мухталиф идрок мекунанд ва чизеро, ки як нафар рост мепиндорад, дигарӣ дурӯғ меангорад ва сеюмӣ дар росту дурӯғ буданаш шак мекунад, пас як чиз ҳам рост аст ва ҳам дурӯғ ва ҳам дуруст аст ва ҳам хато. Ва кори суфистҳо ба ҷое расид, ки онон аз реша мункири воқеияти хориҷ аз идроки инсонҳо шуданд. Мегуфтанд, асосан воқеияте дар берун аз зеҳни мо вуҷуд надорад ва ҳар он чӣ мо инсонҳо воқеият мепиндорем, ҷуз идрокоти зеҳнии мо намебошад.

Ҳамин амр боис гардид, ки тадриҷан вожаи суфист (донишманд) мафҳуми аслии худро аз даст бидиҳад ва мафҳуми **муғолатакор** ба худ бигирад. Вожаи **сафсата** реша дар ҳамин дорад. Имрӯза ҳам агар касе ҳарфҳои берабт ба забон орад, мегӯем, ӯ сафсата мегӯяд.

Ба ҳар ҳол, Сукрот ва пас аз ӯ Афлотун ва Арасту, ба шиддат ба мубориза бо суфистҳо пардохтанд ва муғолатаҳои ононро ошкор сохтанд ва бо далелҳо ва бурҳонҳои қотеъ собит карданд, ки ашё, қатъи назар аз идроки мо, воқеият доранд ва дорои кайфияти махсусе мебошанд.

Суқроти ҳаким ба далели тавозуъ ва фурӯтание, ки дошт ва ҳам шояд ба иллати парҳез аз ҳамрадиф шудан бо суфистҳо, намеписандид, ки ӯро суфист (донишманд) бихонанд. Ва аз ин рӯй, худро филсуф (*philosophes*) яъне дӯстдори дониш хонд. Ва тадриҷан вожаи **филусуфиё** баръакси вожаи суфист, ки аз мафҳуми **донишманд** ба мафҳуми **муғолатакор** суқут карда буд, аз мафҳуми **дӯстдори дониш** ба мафҳуми **донишманд** иртиқо ёфт ва вожаи **фалсафа** низ муродиф шуд бо дониш. Бар ҳамин асос, вожаи филсуф ба унвони як истилоҳ қабл аз Суқрот ба касе итлоқ нашудааст ва баъд аз Суқрот низ билофосила ба касе итлоқ нашуда. Луғати фалсафа низ дар он айём ҳанӯз мафҳуми мушаххас надоштааст ва мегӯянд, Арасту низ ин луғатро ба кор набурдааст ва баъдҳо истилоҳи фалсафа ва филсуф роиҷ шудааст.

**Корбурди вожаи фалсафа дар қадим**

Дар гузашта (махсусан дар ҷаҳони ислом) чунин набуд, ки вожаи фалсафа бар як фан ва илми махсусе итлоқ бишавад, чунон ки имрӯз ин вожа барои як фанни махусус ба кор меравад, балки дар қадим ҳамаи донишҳои ақлиро (дар муқобили донишҳои нақлӣ аз қабили луғат, наҳв, сарф, маъонӣ, баён, бадеъ, тафсир, ҳадис, фиқҳ, усул) таҳти унвони фалсафа ном мебурданд. Ва чун ин луғат якчунин мафҳуми омме дошт, филсуф (ё файласуф) ба касе итлоқ мешуд, ки ҷомеъи ҳамаи улуми ақлии он замон (ки иборат буданд аз: илоҳиёт, риёзиёт, табииёт, сиёсат, ахлоқ ва тадбири манзил) буда бошад. Ва ба ҳамин эътибор буд, ки мегуфтанд: “Ҳар кас филсуф бошад, ҷаҳоне мешавад илмӣ мушобеҳи ҷаҳони айнӣ”.

Мусалмонон дар гузашта он гоҳ ки мехостанд тақсими арастуӣ дар бораи улумро баён кунанд, калимаи фалсафа ё калимаи ҳикматро ба кор мебурданд ва мегуфтанд: фалсафа (яъне илми ақлӣ) бар ду қисм аст: назарӣ ва амалӣ.

*Фалсафаи назарӣ* он аст, ки дар бораи ашё — он чунон ки ҳастанд — баҳс мекунад. Ва *фалсафаи амалӣ* он аст, ки дар бораи афъоли инсон — он чунон ки бояд ва шоиста аст бошад — баҳс мекунад.

Фалсафаи назарӣ бар се қисм буд: *илоҳиёт* (ё фалсафаи улё), *риёзиёт* (ё фалсафаи вусто) ва *табииёт* (ё фалсафаи суфло).

Фалсафаи улё (ё илоҳиёт) ба навбати худ муштамил бар ду фан буд: умури омма ва илоҳиёт ба маънои хосс.

Риёзиёт чаҳор бахш буд ва ҳар кадом илми алоҳидае буд: ҳисоб, ҳандаса, ҳайъат ва мусиқӣ. Табииёт низ ба навбати худ бахшҳо ва ақсоми зиёде дошт.

*Фалсафаи амалӣ* низ ба навбати худ тақсим мешуд ба илми ахлоқ, илми тадбири манзил, илми сиёсат. Бинобар ин, пас филсуф ба касе гуфта мешуд, ки ҷомеъи ҳамаи улуми номбурда бошад.

Ҳол, дар қадим дар миёни ин бахшҳои гуногун (ки гуфтем, ҳамагӣ таҳти унвони фалсафа ном бурда мешуданд), як бахш нисбат ба соири бахшҳо имтиёзи хосс дошт, ва он ҳамон аст, ки ба номҳои **фалсафаи уло**, **фалсафаи улё**, **илми аъло**, **илми куллӣ**, **илоҳиёт**, **мобаъдуттабиа** (ё метофизик) хонда мешавад. Имтиёзи ин илм нисбат ба соири улум, яке дар ин аст, ки — ба ақидаи уламои пешин — аз ҳар илми дигар бурҳонитар ва яқинитар аст. Дигар ин ки бар ҳамаи улуми дигар ҳукумат дорад ва дар воқеъ маликаи улум аст. Зеро улуми дигар ба ӯ ниёз доранд ва ӯ ниёз ба онҳо надорад. (Ва ин ки чаро ин илм ба дигар улум ниёз надорад ва соири улум ба он ниёз доранд, дар ин хусус баъдан баҳс хоҳем кард). Севвум ин ки аз ҳамаи дигар куллитар ва оммтар аст. (Ва ин ҳам, ки чаро куллитар ва оммтар аст, дар ин бора низ баъдҳо баҳс хоҳем кард). Аз назари уламои пешин, фалсафаи ҳақиқӣ ҳамин илм аст, аз ин рӯй, гоҳе калимаи фалсафа ба хусуси ин илм итлоқ мешуд.

Пас, аз назари фалосифаи қадим, вожаи фалсафа ду маънӣ дошт: яке, ҳамон аст, ки дар боло гуфтем, ки иборат аст аз ҳамаи донишҳои ақлӣ (дар баробари улуми нақлӣ). Маънии дигар иборат буд аз **илми илоҳӣ** ё **фалсафаи уло**.

Бинобар ин, агар фалсафаро бар асоси истилоҳи фалосифаи қадим бихоҳем таъриф кунем, фалсафа тибқи истилоҳи аввал чун як вожаи омм аст ва ба фанни хосс ва илми хосс итлоқ намешавад, таърифи хосс ҳам надорад. Фалсафа тибқи ин истилоҳ яъне улуми ғайринақлӣ ва файласуф шудан яъне ҷомеъи ҳамаи улум шудан.

Аммо агар истилоҳи дуввумро дар назар бигирем ва манзурамон аз фалсафа ҳамон илме бошад, ки қадимиҳо онро **фалсафаи ҳақиқӣ** ва ё **фалсафаи уло** ва ё **илми аъло** мехонданд, фалсафа таърифи хосс дорад. Ва он ин ки: фалсафа иборат аст аз: "**илм ба аҳволи мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст, на аз он ҷиҳат, ки мавҷуди хосс аст масалан ҷисм аст, ё инсон аст, ё гиёҳ аст ва ғайра**".

Тавзеҳи матлаб ин аст, ки иттилоъоти мо дар бораи ашё ду гуна аст:

1. Ё махсус аст (яъне, ба навъ ва ҷинси муайяне ихтисос дорад) ва ба ибораті дигар, дар бораи аҳвол ва аҳкоми хосси як навъ ва ҷинси муайян баҳс мекунад, мисли илми мо ба аҳкоми ададҳо ва ё аҳкоми миқдорҳо ва ё аҳвол ва осори гиёҳон ва ё аҳвол ва осор ва аҳкоми бадани инсон ва амсоли инҳо, ки аввалиро илми ҳисоб (ё ададшиносӣ) меномем ва дуввумиро илми ҳандаса (ё миқдоршиносӣ) ва севвумиро илми гиёҳшиносӣ ва чаҳорумиро илми пизишкӣ (ё баданшиносӣ). Ва ҳамчунин соири улум аз қабили осмоншиносӣ, заминшиносӣ, маъданшиносӣ, ҳайвоншиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеъашиносӣ, атомшиносӣ ва ғайра;
2. Ва ё махсус ба навъ ва ҷинси муайяне нест, яъне мавҷуд аз он ҷиҳат, ки навъи хосс аст, он аҳвол ва аҳком ва осорро надорад, балки аз он ҷиҳат дорои он аҳком ва аҳвол ва осор аст, ки **мавҷуд** аст.

**Фалсафаи ҳақиқӣ** ё **фалсафаи уло** ва ё **илми аъло**, ҳамин илм аст, яъне **мавҷуд**-ро аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст, ба унвони як **воҳид** дар назар мегирад ва дар бораи он **воҳид**, ки шомили ҳама чиз аст, баҳс мекунад.

Дар таърифи фалсафа омада, ки фалсафа дар бораи **мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст** баҳс мекунад. Хуб, ин яъне чӣ? Тавзеҳ он ки: бо ин ки мавзӯи ҳамаи илмҳо, мавҷуд аст, вале дар улум, мавҷуд аз он назар, ки навъе хосс аз мавҷуд аст, мавзӯъ қарор мегирад, на мавҷуд аз он назар, ки мавҷуд аст. Масалан, мавзӯи илми физик мавҷуд аст, вале як мавҷуди хосс

ба номи ҷисм, ки дар ин илм дар бораи аҳком ва осори ҷисмҳо баҳс мешавад. Ва ҳамчунин дигар улум…

Ҳол, медонем, ки тамоми мавҷудоти ҳастӣ, бо ин ки яке, масалан ҷамод аст, дигарӣ набот аст, севвумӣ ҳайвон аст, ҷаҳорумӣ аслан мавҷуди моддӣ нест, балки мавҷуде муҷаррад (ғайри моддӣ) аст ва панҷумӣ ва шашумӣ ва ғайра… аммо ҳамаи инҳо, дар мавҷуд будан (ҳастӣ) бо ҳам муштараканд. Суол: оё мо илме дорем, ки мавзӯаш мавҷуд ва ҳастӣ аз он назар, ки "ҳаст" аст бошад ва дар он илм дар бораи аҳком ва осори мавҷуд аз ҳамин назар баҳс бишавад? Ҷавоб мусбат аст. Бале, аз қадим донишмандон (лоақал аз Арасту ба баъд) илме вижа ва махсус, ки ба номи **мобаъдуттабиа** шинохта шудааст, барои баҳс дар бораи аҳком ва осори мавҷуд ва ҳастӣ ихтисос дода буданд. *Лизо дар таърифи фалсафа гуфтаанд:* "**Фалсафа иборат аст аз як силсила баҳсҳо бар асоси бурҳон ва қиёси ақлӣ, ки дар бораи ҳастӣ ва аҳкоми куллии он гуфтугӯ мекунад**." Ба таъбири дигар, фалсафа аҳкоми мутлақи ҳастиро мавриди диққат қарор медиҳад ва ҳеҷ гоҳ ба аҳком ва осоре, ки махсуси як ё чанд мавзӯи махсус аст назар надорад; бар хилофи дигар илмҳо, ки як ё чанд мавзӯъро мавриди назар қарор дода ва ба ҷустуҷӯи аҳком ва осори он мепардозанд.

Масалан, агар дар бораи об ин масъаларо дар назар бигирем, ки (албатта ин як мисол аст) "Об дар 80% аз гармо бухор мешавад", ин масъала марбут мешавад ба илми физик. Яъне дар илми физик дар бораи аҳкоми ҷисмҳо (аз ҷумла об) гуфтугӯ мешавад. Вале дар ин илм (ва ё ҳар илме дигар) дар бораи асли вуҷуд ва ҳастии ашё (аз ҷумла ҳастии ҳамин об) баҳс намешавад. Ин дар фалсафа аст, ки дар бораи аҳкоми ҳастӣ ва мавҷуд баҳс мешавад.

**Таърифҳое дигар барои фалсафа**

Донишмандони ғарбӣ таърифҳои дигаре ҳам барои фалсафа кардаанд, ки бархе аз онҳоро нақл мекунем. Вале қабл аз пардохтан ба ин таърифҳо ба як иштибоҳи торихӣ, ки маншаи иштибоҳи дигаре низ шудааст, бояд ишора кунем:

**Мобаъдуттабиа (метофизик)**

Арасту аввалин касе аст, ки пай бурд як силсила масоил ҳаст, ки дар ҳеч илме аз улум (табиӣ ё риёзӣ ё ахлоқӣ ё иҷтимоӣ ё ғайра) намегунҷад ва бояд онҳоро ба илми ҷудогонае мутаъаллиқ донист. Шояд ҳам ӯ аввалин касе аст, ки ташхис дод, меҳваре, ки ин масоилро гирди худ ҷамъ мекунад, "мавҷуд аз он назар, ки мавҷуд аст" мебошад. Аз ҳамин рӯ гуфта

мешавад, Арасту аввал касе аст, ки ин илмро ба унвони як илми мустақилл кашф кард ва ба он дар миёни улуми дигар ҷойи махсус дод.

Вале Арасту ҳеч номе рӯйи ин илм нагузошта буд. Осори Арастуро баъд аз ӯ дар як доиратулмаъориф ҷамъ карданд. Ин бахш ва ин илм, аз назари тартиб, баъд аз бахши табиийёт қарор гирифт ва чун номи махсус надошт, ба **метофизик** яъне "баъд аз физик" маъруф шуд. Калимаи метофизик ба василаи мутарҷимони арабӣ, ба **мобаъдуттабиа** тарҷума шуд.

Кам-кам фаромӯш шуд, ки ин ном (метофизик) ба он ҷиҳат ба ин илм дода шуда, ки дар китоби Арасту аз назари тартиб баъд аз табиийёт қарор гирифтааст. Ва рафта-рафта чунин гумон рафт, ки ин ном аз он ҷиҳат ба ин илм дода шудааст, ки масоили ин илм (аз қабили Худо, ақлҳои муҷаррад ва ғайра), хориҷ аз табиатанд. Аз ин рӯ, барои афроде монанди Ибни Сино ин суол матраҳ шуд, ки мебоист ин илм **моқаблуттабиа** (қабл аз табиат) хонда мешуд, на **мобаъдуттабиа** (баъд аз табиат), зеро агар ба эътибори дарбар доштани ин илм бар баҳси Худо, онро ба ин ном хондаанд, Худо қабл аз табиат қарор гирифта, на баъд аз он.

Ин иштибоҳи лафзӣ ва тарҷумаӣ, баъдҳо дар миёни бархе аз файласуфнамоҳои ҷадид мунҷар ба як иштибоҳи маънавӣ шуд. Гурӯҳи зиёде аз урупоиён калимаи мобаъдуттабиаро мусовӣ бо **мовароуттабиа** пиндоштанд ва гумон карданд, ки мавзӯи ин илм умуре аст, ки хориҷ аз табиатанд ва ҳол он ки чунон ки донистем, мавзӯи ин илм шомили табиат ва мовароuи табиат ва билохира ҳар чӣ мавҷуд аст мешавад. Ба ҳар ҳол, ин даста ба ғалат ин илмро чунин таъриф кардаанд:

"**Метофизик илме аст, ки фақат дар бораи Худо ва умури муҷаррад аз модда баҳс мекунад**."

Шояд таърифе ғалаттар аз ин таъриф дар бораи фалсафа пайдо нашавад.

**Фалсафа дар асри ҷадид**

Дар асри ҷадид, ки аз қарни 16-ум оғоз мешавад, равиши қиёсӣ ва ақлӣ дар улум, ҷойи худро ба равиши таҷрибӣ ва ҳиссӣ дод, ки кори дурусте ҳам буд. Улуми табиӣ яксара аз қаламрави равиши қиёсӣ хориҷ шуд ва вориди ҳавзаи равиши таҷрибӣ шуд. Риёзиёт ҳолати нимақиёсӣ ва ниматаҷрибӣ ба худ гирифт.

Пас аз ин ҷараён, ин фикр барои баъзе пайдо шуд, ки равиши қиёсӣ ба ҳеч ваҷҳ қобили эътимод нест. Пас агар илме дар дастраси таҷриба ва озмоиши амалӣ набошад ва бихоҳад сирфан аз қиёс истифода кунад, он илм асосе надорад. Ва чун илми мобаъдуттабиа чунин аст – яъне, таҷриба ва озмоиши амалиро дар он роҳ нест — пас ин илм эътибор надорад. Яъне масоили ин илм қобили таҳқиқ ва мутолеа нестанд. Ин гурӯҳ, гирди он илме, ки як рӯз як сару гардан аз ҳамаи улуми дигар баландтар буд ва **ашрафи улум** ва **маликаи улум** хонда мешуд, як хатти қирмиз кашиданд. Аз назари ин гурӯҳ, илме ба номи илми **мобаъдуттабиа** ё **фалсафаи уло** ё ҳар номи дигар, вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ин гурӯҳ, дар ҳақиқат гиромитарин масоили мавриди ниёзи ақли башарро аз башар гирифтанд.

Гурӯҳе дигар муддаъӣ шуданд, ки равиши қиёсӣ дар ҳама ҷо беэътибор нест. Дар мобаъдуттабиа ва ахлоқ бояд аз он истифода кард. Ин гурӯҳ истилоҳи ҷадиде халқ карданд ва он чиро, ки бо равиши таҷрибӣ қобили таҳқиқ буд, **илм** хонданд ва он чӣ мебоист бо равиши қиёсӣ аз он истифода шавад — аъам аз метофизик, ахлоқ, мантиқ ва ғайра — онро **фалсафа** хонданд. Пас, таърифи фалсафа дар истилоҳи ин гурӯҳ иборат аст аз: **улуме, ки сирфан бо равиши қиёсӣ таҳқиқ мешаванд ва таҷриба ва озмоиши амалиро дар онҳо роҳ нест**.

Бино бар ин назар, монанди назари уламои қадим калимаи фалсафа як исми омм аст, на исми хосс. Яъне номи як илм нест, балки номе аст, ки шомили чандин илм мешавад. Вале албатта доираи фалсафа тибқи ин истилоҳ, нисбат ба истилоҳи қудамо тангтар аст. Зеро фақат шомили илми мобаъдуттабиа, илми ахлоқ, илми мантиқ, илми ҳуқуқ ва аҳёнан баъзе улуми дигар мешавад. Ва аммо риёзиёт ва табииёт дар хориҷи ин доира қарор мегиранд. Бар хилофи истилоҳи қудамо, ки шомили риёзиёт ва табииёт ҳам буд.

Гурӯҳи аввал, ки ба куллӣ мункири мобаъдуттабиа ва мункири равиши қиёсӣ буданд ва танҳо улуми ҳиссӣ ва таҷрибиро мӯътабар мешинохтанд, кам-кам мутаваҷҷеҳ шуданд, ки агар ҳар чӣ ҳаст мунҳасир ба улуми таҷрибӣ бошад — ва масоили ин улум ҳам, ки ҷузъӣ аст, яъне махсус ба мавзӯоти хосс аст — мо аз шинохти куллии ҷаҳон — ки фалсафа ё мобаъдуттабиа муддаъии ӯҳдадории он буд – ба куллӣ маҳрум хоҳем монд. Аз ин рӯ, фикри ҷадиде бар эшон пайдо шуд ва он поягузории **фалсафаи илмӣ** буд; фалсафае, ки

сад дар сад такягоҳаш улуми таҷрибӣ аст ва дар он, аз муқоисаи улум бо якдигар ва кашфи навъе робита ва куллият миёни қонунҳо ва масоили улум бо якдигар, як силсила масоили куллӣ ба даст меояд. Ин масоили куллиро ба номи **фалсафа** хонданд. Агуст Кант (*Auguste Cont*)-и фаронсавӣ ва Ҳерберт Эспенсер (*Herbert Spencer*)-и англисӣ чунин равише пеш гирифтанд.

Фалсафа аз назари ин даста, дигар он илме набуд, ки мустақил шинохта бишавад, чӣ аз назари мавзӯъ ва чӣ аз назари асосҳо (зеро фалсафа мавзӯъаш “мавҷуд аз он назар, ки мавҷуд аст” буд ва асосҳояшро “бадеҳиёти аввалия” ташкил медод), балки илме шуд, ки кораш таҳқиқ дар фаровардаҳои улуми дигар ва пайванд додан миёни онҳо ва истихроҷи масоили куллӣ аз масоили маҳдудтари улум буд.

**Фалсафаи таҳассулӣ** ва ё **таҳаққуқӣ** (*positivism*)-и Агуст Кант ва **фалсафаи таркибӣ** (*synthetic philosophy*)-и Ҳерберт Эспенсер аз ин навъ аст.

Аз назари ин гурӯҳ, фалсафа илме ҷудо аз соири улум нест, балки нисбати улум бо фалсафа, аз қабили нисбати як дараҷа аз маърифат бо як дараҷаи комилтар аз маърифат дар бораи як чиз аст. Яъне фалсафа идроки васеътар ва куллитари ҳамон чизҳое аст, ки мавриди идрок ва маърифати улум аст.

Бархе дигар монанди Имонуил Конт (*Immanuel Kant*)-и олмонӣ, қабл аз ҳар чиз, таҳқиқ дар бораи худи маърифат ва қуввае, ки маншаи ин маърифат аст, яъне ақлро, лозим шумурданд ва ба наққодии ақли инсон пардохтанд ва таҳқиқоти худро фалсафа ё **фалсафаи наққодӣ** (*critical philosophy*) ном ниҳоданд.

Албатта, ин фалсафа низ бо он чӣ назди қудамо ба номи **фалсафа** хонда мешуд, ҷуз иштирок дар лафз, ваҷҳи муштараки дигаре надорад, ҳамчунон ки бо фалсафаи таҳаққуқии Агуст Кант ва фалсафаи таркибии Эспенсер низ ваҷҳи иштироке ҷуз лафз надорад.

Фалсафаи Конт, ба мантиқ — ки навъе хосс аз фикршиносӣ аст — аз фалсафа, ки ҷаҳоншиносӣ аст, наздиктар аст.

Дар ҷаҳони Урупо кам-кам он чӣ “на илм” буд, яъне дар ҳеч илми хоссе аз улуми табиӣ ё риёзӣ намегунҷид ва дар айни ҳол, як назария дар бораи ҷаҳон ё инсон ё иҷтимоъ буд, ба номи **фалсафа** хонда шуд.

Агар касе ҳамаи геройиш (ва "-изм")-ҳое, ки дар Урупо ва Омрико ба номи **фалсафа** хонда мешавад, ҷамъ кунад ва таърифи ҳамаро ба даст оварад, мебинад, ки ҳеч ваҷҳи муштараке ҷуз "на илм" будан надоранд.

Ин миқдор, ки ишора шуд, барои намуна буд, ки бидонем, ки тафовути фалсафаи қадим бо фалсафаҳои ҷадид аз қабили тафовути улуми қадима бо улуми ҷадида нест.

Илми қадим бо илми ҷадид, масалан тибби қадим ва тибби ҷадид, ҳандасаи қадим ва ҳандасаи ҷадид, илмуннафси қадим ва илмуннафс (равоншиносӣ)-и ҷадид, гиёҳшиносии қадим ва гиёҳшиносии ҷадид ва ғайра… тафовути моҳиятӣ надоранд. Яъне чунин нест, ки масалан калимаи **тиб** дар қадим номи як илм буд ва дар ҷадид номи як илми дигар. Тибби қадим ва тибби ҷадид ҳар ду дорои таърифи воҳид ҳастанд. Тиб дар ҳар ҳол иборат аст аз: маърифати аҳвол ва авоcall ризи бадани инсон. Тафовути тибби қадим ва тибби ҷадид, яке дар шеваи таҳқиқи масоил аст, ки тибби ҷадид аз тибби қадим таҷрибитар аст ва тибби қадим аз тибби ҷадид истидлолитар ва қиёситар аст. Ва дигар, дар нақс ва камол аст, яъне тибби қадим ноқистар ва тибби ҷадид комилтар аст. Ва ҳамчунин соири улум.

Аммо фалсафа дар қадим ва ҷадид як ном аст, вале барои маъонии мухталиф ва гуногун ва ҳар маънӣ таърифи ҷудогона дорад. Чунон ки хондем, дар қадим гоҳе калимаи **фалсафа** номи **ҳамаи улуми ақлӣ** буд ва гоҳе ин ном ихтисос меёфт ба яке аз шӯъбаҳо яъне **илми мобаъдуттабиа** ё **фалсафаи уло**. Вале дар ҷадид, ин ном ба маъонии мутаъаддид итлоқ шуда ва бар ҳасаби ҳар маънӣ, як таърифи ҷудогона дорад.

**Ҷудо шудани улум аз фалсафа**

Як ғалати фоҳиши роиҷ дар замони мо, ки аз Ғарб сарчашма гирифтааст ва дар миёни муқаллидони шарқии ғарбиён низ шойиъ аст, афсонаи **ҷудо шудани улум аз фалсафа** аст. Як тағйиру таҳаввули лафзӣ, ки ба қарордод (эътибор кардан) марбут мешавад, бо як тағйиру таҳаввули маънавӣ, ки ба ҳақиқати як маъно марбут мегардад, иштибоҳ шуда ва номи **ҷудо шудани улум аз фалсафа** ба худ гирифтааст.

Чунон ки собиқан гуфтем, калимаи **фалсафа** ё **ҳикмат** дар истилоҳи қудамо ғолибан ба маънои **дониши ақлӣ** дар муқобили **дониши нақлӣ** ба кор мерафт ва аз ин рӯ мафҳуми ин лафз шомили ҳамаи андешаҳои ақлонӣ ва фикрии башар буд.

Дар ин истилоҳ, луғати **фалсафа** як исми омм буд, на исми хосс. Баъд дар давраи ҷадид ин лафз ихтисос ёфт ба мобаъдуттабиа, мантиқ, зебоишиносӣ ва амсоли инҳо. Ин тағйири исм сабаб шуда, ки бархе бипиндоранд, ки фалсафа дар қадим як илм буд ва масоилаш илоҳиёт, табииёт, риёзиёт ва соири улум буд. Баъд табииёт ва риёзиёт аз фалсафа ҷудо шуданд ва истиқлол ёфтанд.

Инчунин таъбире дуруст мисли ин аст, ки масалан калимаи **тан** як вақт ба маънои бадан дар муқобили руҳ ба кор бурда шавад ва шомили ҳамаи андоми инсон аз сар то по буда бошад, ва баъд истилоҳи сонавӣ пайдо шавад ва ин калима дар мавриди аз гардан ба поин, дар муқобили **сар,** ба кор бурда шавад ва он гоҳ барои бархе ин таваҳҳум пайдо шавад, ки сари инсон аз бадани инсон ҷудо шудааст. Яъне, як тағйиру таҳаввули лафзӣ бо як тағйиру таҳаввули маънавӣ иштибоҳ шавад. Ва низ мисли ин аст, ки калимаи **Форс** як вақт ба ҳамаи Эрон итлоқ мешудааст ва имрӯз ба устоне аз устонҳои ҷанубии Эрон итлоқ мешавад ва касе пайдо шавад ва гумон кунад, ки устони Форс аз Эрон ҷудо шудааст. Ҷудо шудани улум аз фалсафа, аз ҳамин қабил аст. Улум рӯзе таҳти номи омми **фалсафа** ёд мешуданд ва имрӯз ин ном ихтисос ёфта ба яке аз он улум.

Ин тағйири ном рабте ба ҷудо шудани улум аз фалсафа надорад. Улум ҳеч вақти ҷузъи фалсафа ба маънои хосси ин калима набуда то ҷудо шавад.

**Фалсафаи ишроқ ва фалсафаи машшоъ**

Фалосифаи исломӣ ба ду даста тақсим мешаванд: фалосифаи ишроқ ва фалосифаи машшоъ. Сардастаи фалосифаи ишроқӣ, Шайх Шаҳобуддин Суҳравардӣ аз уламои қарни шишум аст ва сардастаи фалосифаи машшоъ, Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ба шумор меравад.

Ишроқиҳо пайрави Афлотун ва машшоиҳо пайрави Арасту ба шумор мераванд. Тафовути аслӣ ва ҷавҳарии равиши ишроқӣ ва равиши машшоӣ дар ин аст, ки дар равиши ишроқӣ, барои таҳқиқ дар масоили фалсафӣ ва махсусан **ҳикмати илоҳӣ,** танҳо истидлол ва тафаккуроти ақлӣ кофӣ нест, балки сулуки қалбӣ ва муҷоҳидоти нафс ва тасфияи он низ барои кашфи ҳақоиқ зарурӣ ва лозим аст, аммо дар равиши машшоӣ, такя фақат бар истидлол аст.

Лафзи **ишроқ**, ки ба маънии *тобиши нур* аст, барои ифодаи равиши ишроқӣ муфид ва расост, вале калимаи **машшоъ**, ки ба маънои *роҳраванда* ё *бисёр роҳраванда* аст, сирфан номгузорӣ аст ва равиши машшоиро ифода намекунад. Гӯянд, иллати ин ки Арасту ва пайравонашро **машшоиҳо** хонданд, ин буд, ки Арасту одат дошт, ки дар ҳоли қадам задан ва роҳ рафтан, ифода ва ифоза кунад. Пас агар бихоҳем калимаеро ба кор барем, ки муфиди мафҳуми равиши фалсафии машшоиҳо бошад, бояд калимаи **истидлолӣ**-ро ба кор барем ва бигӯем: фалосифа ду дастаанд: ишроқиҳо ва истидлолиҳо.

Ин ҷо лозим аст таҳқиқ шавад, ки оё воқеан Афлотун ва Арасту дорои ду равиши мухталиф будаанд ва чунин ихтилофи назаре миёни устод (Афлотун) ва шогирд (Арасту) будааст? Ва оё тариқае, ки Шайх Шаҳобуддин Сухравардӣ — ки аз ин пас мо ӯро бо номи кӯтоҳаш ба номи Шайхи ишроқ хоҳем хонд — дар давраи исломӣ онро баён кардааст, тариқаи Афлотун аст ва Афлотун тарафдор ва пайрави сулуки маънавӣ ва муҷоҳидат ва риёзати нафс ва мукошифа ва мушоҳидаи қалбӣ ва ба таъбири Шайхи ишроқ, тарафдори **ҳикмати завқӣ** будааст? Оё масоиле, ки аз замони Шайхи ишроқ ба баъд ба унвони *масоили мавриди ихтилофи ишроқиҳо ва машшоиҳо* шинохта мешавад, монанди *асолати моҳият ва асолати вуҷуд*, *ваҳдат ва касрати вуҷуд*, *масъалаи мусул ва арбоби анвоъ*, *қоидаи имкони ашраф* ва даҳҳо масоили дигар аз ин қабил, ҳама масоили мавриди ихтилофи Афлотун ва Арасту аст, ки то ин замон идома ёфтааст? Ва ё ин масоил ва лоақал баъзе аз ин масоил, баъдҳо ихтироъ ва ибтикор шуда ва руҳи Афлотун ва Арасту аз инҳо бехабар будааст?

Он чӣ ба сурати кӯтоҳ ва мухтасар дар ин баҳсҳо метавонем бигӯем, ин аст, ки мусалламан миёни Афлотун ва Арасту ихтилофи назарҳое вуҷуд дошта, яъне Арасту бисёре аз назарияҳои Афлотунро рад кард ва назарияҳои дигаре дар баробари ӯ иброз кард.

Дар давраи Искандария — ки ҳадди фосил миёни давраи юнонӣ ва давраи исломӣ аст — пайравони Афлотун бо пайравони Арасту ду дастаи мухталифро ташкил медодаанд. Форобӣ китоби кучаки маъруфе дорад ба номи "*Алҷамъ байна раъяйил-ҳакимайн*". Дар ин китоб масоили ихтилофии ин ду файласуф тарҳ шуда ва кӯшиш шуда, ки ба наҳве ихтилофот миёни ин ду ҳаким аз байн биравад.

Вале он чӣ аз мутолеаи осори Афлотун ва Арасту ва аз мутолеаи китобҳое, ки дар баёни ақоид ва орои ин ду файласуф — бо таваҷҷӯҳ ба сайри фалсафа дар давраи исломӣ — ба

даст меояд, яке ин аст, ки масоили умдаи мавриди ихтилофи ишроқиҳо, ки имрӯз дар фалсафаи исломӣ матраҳ аст, ба истиснои яке ду масъала, як силсила масоили ҷадиди исломӣ аст ва рабте ба Афлотун ва Арасту надорад, монанди *масоили моҳият ва вуҷуд, масъалаи ҷаъл, масъалаи тараккуб ва басотати ҷисм, қоидаи имкони ашраф, ваҳдат ва касрати вуҷуд*. Масоили мавриди ихтилофи Арасту ва Афлотун ҳамонҳост, ки дар китоби "*Алҷамъ байна раъяйил-ҳакимайн*"-и Форобӣ омада ва албатта ғайр аз масоили собиқуззикр аст.

Ба назари устод шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ, масоили асосии мавриди ихтилофи Афлотун ва Арасту се масъала аст, ки баъдан дар бораи онҳо тавзеҳ хоҳем дод.

Аз ҳама муҳимтар ин ки бисёр маҳалли тардид аст, ки Афлотун тарафдори сайру сулуки маънавӣ ва муҷоҳидат ва риёзат ва мушоҳидаи қалбӣ будааст. Бинобар ин, ин ки мо Афлотун ва Арастуро дорои ду равиш бидонем: равиши ишроқӣ ва равиши истидлолӣ, бисёр қобили мунoқиша аст. Ба ҳеч ваҷҳ маълум нест, ки Афлотун дар замони худаш ва ё дар замонҳои наздик ба замони худаш, ба унвони як фарди **ишроқӣ**—и тарафдори ишроқи дарунӣ шинохта мешудааст. Ва ҳатто маълум нест, ки луғати **машшоӣ** мунҳасиран дар бораи Арасту ва пайравонаш итлоқ мешудааст.

Шаҳристонӣ, соҳиби "*Алмилал ван-ниҳал*", дар ҷилди дуввуми китобаш мегӯяд:

"*Аммо машшоиҳои мутлақ, пас онҳо аҳли луқинанд, ва Афлотун ба эҳтироми ҳикмат, ҳамвора дар ҳоли роҳ рафтан онро таълим мекард, Арасту аз ӯ табаъият кард, ва аз ин рӯ ӯ (зоҳиран Арасту) ва пайравонашро машшоиҳо хонданд*."

Албатта дар ин ки ба Арасту ва пайравонаш *машшоиҳо* мегуфтаанд ва ин таъбир дар давраи исломӣ ҳам идома доштааст, наметавон тардид кард. Он чӣ мавриди тардид ва қобили нафй ва инкор аст, ин аст, ки Афлотун *ишроқӣ* хонда шуда бошад.

Мо қабл аз Шайхи ишроқ дар сухани ҳеч як аз фалосифа монанди Форобӣ ва Ибни Сино ва ё муаррихони фалсафа монанди Шаҳристонӣ, намебинем, ки аз Афлотун ба унвони як ҳакими тарафдори *ҳикмати завқӣ* ва *ишроқӣ* ёд шуда бошад ва ҳатто ба калимаи истилоҳии **ишроқ** ҳам барнамехӯрем. Шайхи ишроқ буд, ки ин калимаро бар сари забонҳо андохт ва ҳам ӯ буд, ки дар муқаддамаи китоби "*Ҳикматул-ишроқ*" гурӯҳе аз ҳукамои қадим — аз ҷумла Фисоғурис ва Афлотун — ро тарафдори ҳикмати завқӣ ва ишроқӣ хонд ва аз Афлотун ба унвони *раиси ишроқиҳо* ёд кард.

Ба ақидаи устод шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ, Шайхи ишроқ таҳти таъсири урафо ва сӯфиҳои исломӣ, равиши ишроқиро интихоб кард. Омехтани ишроқ ва истидлол бо якдигар, ибтикори худи ӯст. Вале ӯ — шояд барои ин ки назарияш беҳтар мақбулият биёбад — гурӯҳе аз қудамои фалосифаро дорои ҳамин машраб муаррифӣ кард. Шайхи ишроқ ҳеч гуна санаде дар ин мавзӯъ ба даст намедиҳад. Ҳамчунон ки дар мавриди ҳукамои Эрони бостон низ санаде ироа намедиҳад, ҳатман агар санаде дар даст медошт, ироа медод ва масъалаеро, ки мавриди алоқааш буд ин гуна ба ибҳом ва иҷмол баргузор намекард.

Бархе аз нависандагони торихи фалсафа зимни шарҳи ақоид ва афкори Афлотун, ба ҳеч ваҷҳ аз равиши ишроқии ӯ ёд накардаанд. Дар "*Алмилал ван-ниҳал*"-и Шаҳристонӣ, "*Торихи фалсафа*"-и дуктур Ҳуман, "*Торихи фалсафа*"-и Вил Дурон, "*Сайри ҳикмат дар Урупо*", номе аз равиши ишроқии Афлотун — ба гунае ки Шайхи ишроқ муддаъӣ аст — бурда нашудааст. Дар "*Сайри ҳикмат дар Урупо*" мавзӯи *Ишқи Афлотунӣ*-ро ёдоварӣ мекунад ва аз забони Афлотун мегӯяд:

"*Руҳ пеш аз омадан ба дунё, зебоии мутлақро дида ва чун дар ин дунё зебоии зоҳирро мебинад, ба ёди зебоии мутлақ меуфтад ва гами ҳиҷрон ба ӯ даст медиҳад. Ишқи ҷисмонӣ монанди ҳусни сурӣ маҷозӣ аст. Аммо ишқи ҳақиқӣ чизи дигар аст ва мояи идроки ишроқӣ ва дарёфти зиндагии ҷовид мегардад.*"

Он чӣ Афлотун дар мавриди ишқ гуфтааст, ки баъдҳо ба номи *Ишқи Афлотунӣ* хонда мешавад, ишқи зебоӣ аст, ки ба ақидаи Афлотун решаи илоҳӣ дорад. Ва ба ҳар ҳол, рабте ба он чӣ Шайхи ишроқ дар боби таҳзиби нафс ва сайру сулуки ирфонӣ ба сӯйи Худо гуфтааст, надорад.

Аммо *Бертронд Росел* дар ҷилди аввали Торихи фалсафааш, аз омехтагии таъаққул ва ишроқ дар фалсафаи Афлотун ёд мекунад, вале мадраке ироа намедиҳад ва чизе нақл намекунад, ки равшан гардад оё ишроқи афлотунӣ чизе аст, ки аз роҳи муҷоҳидати нафс ва тасфияи он пайдо мешавад ва ё ҳамон аст, ки мавлуди як ишқ ба зебоӣ аст? Таҳқиқи бештар ниёзманд ба мутолеаи мустақими ҳамаи осори Афлотун аст.

Дар мавриди Фисоғурис (*Pythagoras*) шояд битавон қабул кард, ки равиши ишроқӣ доштааст ва зоҳиран ин равишро аз Машриқзамин илҳом гирифтааст. Росел, ки равиши

Афлотунро *ишроқӣ* медонад, муддаъӣ аст, ки Афлотун дар ин ҷиҳат таҳти таъсири Фисоғурис будааст.

Дар миёни оро ва ақоиди Афлотун, хоҳ ӯро аз назари равиш ишроқӣ бидонем ё на, се масъала аст, ки аркон ва мушаххасоти аслии фалсафаи Афлотунро ташкил медиҳад ва Арасту дар ҳар се масъала бо ӯ мухолиф будааст:

**1.** *Назарияи мусул:* Тибқи назарияи мусул, он чӣ дар ин ҷаҳон мушоҳида мешавад, асл ва ҳақиқаташ дар ҷаҳони дигар вуҷуд дорад ва афроди ин ҷаҳон, ба манзилаи сояҳо ва аксҳои ҳақоиқи онҷаҳонӣ мебошанд. Масалан, афроди инсон, ки дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, ҳама дорои як асл ва ҳақиқат дар ҷаҳони дигар ҳастанд ва инсони асил ва ҳақиқӣ инсони онҷаҳонӣ аст. Ҳамчунин соири ашё.

Афлотун он ҳақоиқро *idea* меномад. Дар давраи исломӣ калимаи *idea* ба *мисол* тарҷума шудааст ва маҷмӯи он ҳақоиқ ба номи *мусули афлотунӣ* хонда мешавад. Ибни Сино сахт бо назарияи *мусули афлотунӣ* мухолиф аст ва Шайхи ишроқ сахт тарафдори он. Яке аз тарафдорони *назарияи мусул*, Мирдомод ва яке дигар, Садрулмутааллиҳин аст. Албатта, таъбири ин ду ҳаким аз мусул, хусусан Мирдомод, бо таъбири Афлотун ҳатто бо таъбири Шайхи ишроқ мутафовит аст.

Яке дигар аз тарафдорони назарияи мусул дар давраи исломӣ, Мир Фендерескӣ, аз ҳукамои давраи Сафавия аст. Мир Фендерескӣ қасидаи маъруфе ба форсӣ дорад ва назари хешро дар мавриди мусул дар он қасида баён кардааст. Қасида чунин оғоз мешавад:

*Чарх бо ин ахтарон, нагзу хушу зебостӣ,*

*Сурате дар зер дорад он чӣ дар болостӣ.*

*Сурати зерин агар бо нардбони маърифат*

*Барравад боло ҳаме бо асли худ яктостӣ.*

*Ин суханро дарнаёбад ҳеч фаҳми зоҳирӣ,*

*Гар Абӯнасрастиву гар Бӯалӣ Синостӣ.*

**2.** *Назарияи асосии муҳимми дигари Афлотун, дар бораи руҳи одамӣ аст.* Вай мӯътақид аст, ки руҳҳо қабл аз таъаллуқ ба баданҳо, дар оламе бартар ва болотар, ки ҳамон олами мусул аст мавҷуд буда ва пас аз халқ шудани бадан, руҳ ба бадан таъаллуқ пайдо мекунад ва дар он ҷойгузин мешавад;

**3.** *Назарияи севвуми Афлотун*, ки мубтанӣ бар ду назарияи гузашта аст ва ба манзилаи натиҷагирӣ аз он ду назария аст, ин аст, ки илм *тазаккур ва ёдоварӣ* аст на ёдгирии воқеӣ. Яъне ҳар чиз, ки мо дар ин ҷаҳон меомӯзем ва мепиндорем, ки чизеро, ки намедониста ва нисбат ба он ҳоҳил будаем, барои аввалин бор омӯхтаем, дар ҳақиқат ёдоварии он чизҳое аст, ки қаблан медонистаем. Зеро гуфтем, ки руҳ қабл аз таъаллуқ ба бадан дар ин олам, дар оламе бартар мавҷуд буда ва дар он олам *мусул*-ро мушоҳида мекардааст ва чун ҳақиқати ҳар чиз *мисол*-и он чиз аст ва руҳҳо *мисол*-ҳоро қаблан идрок кардаанд, пас руҳҳо қабл аз он ки ба олами дунё ворид шаванд ва ба дунё таъаллуқ ёбанд, олим ба ҳақоиқе будаанд. Чизе, ки ҳаст ин аст, ки пас аз таъаллуқи руҳ ба бадан, он чизҳоро фаромӯш кардаем.

Бадан барои руҳи мо, ба манзилаи пардае аст, ки бар рӯйи ойинае овехта шуда бошад, ки монеъи тобиши нур ва инъикоси суратҳо дар ойина аст. Дар асари диёлектик, яъне баҳсу ҷадал ва равиши ақлӣ, ё дар асари ишқ (ё дар асари муҷоҳидат ва риёзати нафс ва сайри сулуки маънавӣ бино бар истинботи амсоли Шайхи ишроқ), парда бартараф мешавад ва нур метобад ва сурат зоҳир мегардад.

Арасту дар ҳар се масъала бо Афлотун мухолиф аст. Аввалан, вуҷуди *куллиёти мисолӣ ва муҷаррад ва малакутӣ*-ро мункир аст ва *кулли*-ро — ва ё ба таъбири саҳеҳтар, *куллияти куллӣ* — ро сирфан амри зеҳнӣ мешуморад. Сониян, мӯътақид аст, ки руҳ пас аз халқи бадан — яъне муқорин бо камол ёфтани хилқати бадан — халқ мешавад ва бадан ба ҳеч ваҷҳ монеъ ва ҳиҷобе барои руҳ нест, баръакс васила ва абзори руҳ аст барои касби маълумоти ҷадид. Руҳ маълумоти хешро ба василаи ҳамин ҳавосс ва абзорҳои баданӣ ба даст меоварад. Руҳ қаблан дар олами дигаре набудааст, то маълумоте ба даст оварда бошад.

Ихтилофи назари Афлотун ва Арасту дар ин масоили асосӣ ва бархе масоили дигар, ки албатта ба ин аҳамият нест, баъд аз онҳо низ идома ёфт. Дар мактаби Искандария ҳам Афлотун пайравоне дорад ва ҳам Арасту. Пайравони искандаронии Афлотун ба номи *Афлотуниёни ҷадид* хонда мешуданд. Муассиси ин мактаб шахсест мисрӣ ба номи Омониюс Сокос (*Ammonios Saccas*) ва маъруфтарин ва боризтарини онҳо як мисрии юнониюласл аст ба номи Афлутин (*Plotin*), ки муаррихони исломӣ ӯро *Ашшайхул-юнонӣ* мехонанд. Афлотуниёни ҷадид матолиби тоза овардаанд ва мумкин аст аз манобеи қадими шарқӣ

истифода карда бошанд. Пайравони искандаронии Арасту иддаи зиёде ҳастанд, ки шарҳ кардаанд Арастуро. Маъруфтарини онҳо *Сомистиюс* ва *Искандари Афридусӣ* мебошанд.

**Равишҳои фикрии исломӣ**

Дар ду баҳси пешин, тавзеҳе дар бораи равиши фалсафии ишроқӣ ва равиши фалсафии машшоӣ додем ва гуфтем, ки миёни ишроқиҳо ва машшоиҳо як силсила ихтилофоти асосӣ дар масоили фалсафӣ вуҷуд дорад ва гуфтем, ки бино бар машҳур, Афлотун сарсилсилаи ишроқиҳо ва Арасту сарсилсилаи машшоиҳо ба шумор меравад. Ва ҳам ишора шуд, ки дар давраи исломӣ ин ду мактаб идома ёфт, бархе аз фалосифаи исломӣ равиши ишроқӣ доранд ва бархе дигар равиши машшоӣ.

Назар ба ин ки дар ҷаҳони исломӣ равишҳои фикрии дигаре ҳам будааст, ки бо равиши ишроқӣ ва машшоӣ муғойират доштааст ва онҳо низ нақше асил ва асосӣ дар таҳаввули фарҳанги исломӣ доштаанд, ночорем ба онҳо низ ишора кунем.

Дар миёни соири равишҳо, он чӣ муҳим ва қобили зикр аст, ду равиш аст:

1. Равиши ирфонӣ:
2. Равиши каломӣ:

Урафо ва ҳамчунин мутакаллимон ба ҳеч ваҷҳ худро тобеъи фалосифа – чӣ ишроқӣ ва чӣ машшоӣ — намедонистаанд ва дар муқобили онҳо истодагиҳо ба харҷ додаанд ва тасодумҳое миёни онҳо ва фалосифа рух додааст ва ҳамин тасодумҳо дар сарнавишти фалсафаи исломӣ таъсири басазое доштааст. Ирфон ва калом, илова бар он ки аз тариқи муъориза ва тасодум, ба фалсафаи исломӣ таҳаррук бахшидаанд, уфуқҳои тозае низ барои фалосифа гушудаанд.

Бисёре аз масоиле, ки дар фалсафаи исломӣ матраҳ аст, аввалин бор ба василаи мутакаллимон ва урафо матраҳ шудааст, ҳарчанд изҳори назари фалсафа бо изҳори назари урафо ва мутакаллимон мутафовит аст.

Бар ҳамин асос, маҷмӯи равишҳои фикрии исломӣ чаҳор равиш аст ва мутафаккирони исломӣ чаҳор даста будаанд. Бадеҳӣ аст, ки мақсуди мо равишҳои фикрие аст, ки ба маънии омм ранги фалсафӣ дорад, яъне навъе ҳастишиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ аст. Мо дар ин баҳс, ки дар бораи **куллиёти фалсафа** баҳс мекунем, коре ба равишҳои фикрии фиқҳӣ ё тафсирӣ ё ҳадисӣ ё адабӣ ё сиёсӣ ё ахлоқӣ надорем, ки онҳо достоне дигар доранд.

Нуктаи дигар ин аст, ки ҳамаи ин равишҳо таҳти таъсири таълимоти исломӣ ранге махсус пайдо кардаанд ва бо мушобеҳҳои худ дар хориҷ аз ҳавзаи исломӣ, тафовутҳое дошта ва доранд. Ва ба иборати дигар: руҳи хосси фарҳанги исломӣ бар ҳамаи онҳо ҳоким аст.

Он чаҳор равиши фикрӣ иборат аст аз:

1. Равиши фалсафии истидлолии машшоӣ: ин равиш пайравони зиёде дорад, аксари фалосифаи исломӣ пайрави ин равиш будаанд. Кендӣ, Форобӣ, Бӯалӣ Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Ибни Рушди Андалусӣ ва ғайра… машшоимаслак буданд. Мазҳар ва намояндаи комили ин мактаб Бӯалӣ Сино аст. Китобҳои фалсафии Бӯалӣ аз қабили "Шифо", "Ишорот", "Наҷот", "Донишномаи Алоӣ", "Мабдаъ ва маъод", "Таълиқот", "Мубоҳисот", "Уюнул-ҳикма" ва… ҳама ҳикмати машшоъ аст. Дар ин равиш, такя фақат бар истидлол ва бурҳони ақлӣ асту бас.

2. Равиши фалсафӣ ишроқӣ: ин равиш нисбат ба равиши машшоӣ, пайравони камтаре дорад. Он кас ки ин равишро эҳё кард, Шайхи Ишроқ буд. Қутбуддини Шерозӣ ва иддае дигар низ равиши ишроқӣ доштаанд. Худи Шайхи Ишроқ мазҳар ва намояндаи комили ин мактаб ба шумор меравад. Шайхи Ишроқ китобҳои зиёде навиштааст аз қабили "Ҳикматул-ишроқ", "Талвиҳот", "Муториҳот", "Муқовимот", "Ҳаёкилун-нур". Маъруфтарини онҳо китоби "Ҳикматул-ишроқ" аст ва танҳо ин китоб аст, ки сад дар сад равиши ишроқӣ дорад.

Дар ин равиш ба ду чиз такя мешавад: *истидлол ва бурҳони ақлӣ* ва дигар *муҷоҳада ва тасфияи нафс*. Тибқи ин равиш, танҳо бо нерӯи истидлол ва бурҳони ақлӣ наметавон ҳақоиқи ҷаҳонро иктишоф кард.

3. Равиши ирфонӣ: равиши ирфон ва тасаввуф фақат ва фақат бар тасфияи нафс бар асоси сулук илаллоҳ ва тақарруб ба Ҳақ то марҳилаи вусул ба ҳақиқат такя дорад ва ба ҳеч ваҷҳ эътимоде ба истидлолоти ақлӣ надорад. Ин равиш пойи истидлолиёнро чӯбин медонад. Тибқи ин равиш, ҳадаф танҳо кашфи ҳақиқат нест, балки расидан ба ҳақиқат аст.

Равиши ирфонӣ пайравони зиёде дорад ва урафои номдоре дар ҷаҳони ислом зуҳур кардаанд. Аз он ҷумла Боязиди Бастомӣ, Ҳаллоҷ, Шиблӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯсаъиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Абӯтолиби Маккӣ, Абӯнасри Сарроҷ, Абулқосими Қушайрӣ, Муҳйиддини Арабӣ, Ибни Форизи Мисрӣ, Мавлавии

Румиро бояд ном бурд. Мазҳар ва намояндаи комили ирфони исломӣ, ки ирфонро ба сурати як илми мазбут дароварда ва пас аз ӯ ҳар кас омада таҳти таъсири шадиди ӯ будааст, Муҳйиддини Арабӣ аст.

Равиши ирфонӣ бо равиши фалсафии ишроқӣ як ваҷҳи иштирок дорад ва ду ваҷҳи ихтилоф. Ваҷҳи иштироки он ду, такя бар ислоҳ ва таҳзиб ва тасфияи нафс аст. Аммо ду ваҷҳи имтиёз, яке ин аст, ки ориф истидлолро ба куллӣ тард мекунад, вале файласуфи ишроқӣ онро ҳифз менамояд ва фикр ва тасфияро ба кӯмаки якдигар мегирад. Дигар ҳадафи файласуфи ишроқӣ, монанди ҳар файласуфи дигар кашфи ҳақиқат аст, аммо ҳадафи ориф вусул ба ҳақиқат аст.

4. Равиши истидлолии каломӣ: мутакаллимон монанди фалосифаи машшоъ такяашон бар истидлолоти ақлӣ аст, вале бо ду тафовут:

Яке ин ки усул ва мабодии ақлӣ, ки мутакаллимон баҳсҳои худро аз онҷо оғоз мекунанд, бо усул ва мабодии ақлӣ, ки фалосифа баҳси худро аз онҷо оғоз мекунанд, мутафовит аст. Мутакаллимон хусусан мӯътазила, муҳимтарин асли мутаъорафе, ки ба кор мебаранд, **ҳусну қубҳ** аст, бо ин тафовут, ки мӯътазила ҳусну қубҳро ақлӣ медонанд ва ашоъира шаръӣ. Мӯътазила як силсила усул ва қоидаҳо бар ин асл мутараттиб кардаанд аз қабили **қоидаи лутф ва вуҷуби аслаҳ бар Бори Таъоло** ва бисёр матолиби дигар.

Вале фалосифа асли ҳусну қубҳро як асли эътиборӣ ва башарӣ медонанд, аз қабили мақбулот ва маъқулоти амалӣ, ки дар мантиқ матраҳ аст ва фақат дар **ҷадал** қобили истифода аст, на дар **бурҳон**. Аз ин рӯ, фалосифа каломро **ҳикмати ҷадалӣ** мехонанд, на **ҳикмати бурҳонӣ**.

Яке дигар ин ки мутакаллим, бар хилофи файласуф, худро мутаъаҳҳид ва пойбанд медонад; мутаъаҳҳид ба дифоъ аз ҳарими ислом. Баҳси файласуфона як баҳси озод аст, яъне файласуф ҳадафаш қаблан таъйин нашуда, ки аз чӣ ақидае дифоъ кунад, вале ҳадафи мутакаллим қаблан таъйин шудааст.

Равиши каломӣ ба навбаи худ ба се равиш тақсим мешавад:

а) Равиши каломии мӯътазилӣ;

б) Равиши каломии ашъарӣ;

в) Равиши каломии шиъӣ.

Шарҳи комили ҳар як аз ин равишҳо дар ин баҳс муяссар нест ва ниёзманди баҳси ҷудогонае аст. Мӯътазила зиёданд. Абӯҳузайли Аллоф, Наззом, Ҷоҳиз, Абӯубайда, ки дар қарнҳои дуввум ва севвуми ҳиҷрӣ мезистаанд ва Қозӣ Абдулҷаббори Мӯътазилӣ дар қарни чаҳорум ва Замахшарӣ дар авохири қарни панҷум ва авоили қарни шишум, мазоҳир ва намояндаи мактаби мӯътазила ба шумор мераванд. Ва Шайх Абулҳасани Ашъарӣ (вафотёфта дар соли 330 ҳиҷрӣ) мазҳар ва намояндаи комили мактаби ашъарӣ ба шумор меравад. Қозӣ Абӯбакри Боқиллонӣ, Имомул-ҳарамайни Ҷувайнӣ, Ғаззолӣ ва Фахруддини Розӣ равиши ашъарӣ доштаанд.

Мутакаллимони шиъӣ низ зиёд будаанд. Ҳишом ибни Ҳакам, ки аз асҳоби Имом Ҷаъфари Содиқ (а) аст, як мутакаллими шиъӣ аст. Хонадони Навбахтӣ, ки як хонадони эронии шиъӣ мебошанд, мутакаллимони забардасте доштаанд. Шайх Муфид ва Сайид Муртазо Аламулҳудо низ аз мутакаллимони шиъа ба шумор меравнд. Мазҳар ва намояндаи комили каломи шиъӣ Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аст. Китоби "Таҷридул-ақоид"-и Хоҷа яке аз маъруфтарин китобҳои калом аст. Хоҷа файласуф ва риёзидон ҳам ҳаст. Баъд аз Хоҷа сарнавишти калом ба куллӣ тағйир кард ва бештар ранги фалсафӣ ба худ гирифт.

Дар миёни китобҳои каломии аҳли тасаннун "Шарҳи мавоқиф" — ки матни он аз Қозӣ Азудуддини Иҷӣ ва шарҳи он аз Мирсайид Шарифи Ҷурҷонӣ аст — аз ҳама маъруфтар аст. Китоби "Мавоқиф" сахт таҳти таъсири китоби "Таҷридул-ақоид" аст.

**Ҳикмати Мутаолия**

Ба чаҳор равиши фикрӣ дар давраи исломӣ ишора кардем ва намояндагони маъруфи онҳоро низ ном бурдем.

Акнун изофа мекунем, ки ин чаҳор ҷараён дар ҷаҳони ислом идома ёфтанд, то дар як нуқта ба якдигар расиданд ва ҷамъан ҷараёни воҳидеро ба вуҷуд оварданд. Нуқтае, ки ин чаҳор ҷараён дар он ҷо бо якдигар вохӯрданд, **Ҳикмати Мутаолия** номида мешавад. Ҳикмати Мутаолия ба василаи Садрулмутааллиҳини Шерозӣ (вафотёфта дар соли 1050 ҳиҷрии қамарӣ) поягузорӣ шуд. Вожаи **Ҳикмати Мутаолия** аз сӯи Бӯалӣ Сино низ – дар "Ишорот" — ба кор рафтааст, вале фалсафаи Бӯалӣ ҳаргиз ба ин ном маъруф нашуд.

Садрулмутааллиҳин расман фалсафаи худро Ҳикмати Мутаолия хонд ва фалсафаи вай ба ҳамин ном машҳур шуд. Мактаби Садрулмутааллиҳин аз лиҳози равиш шабеҳи мактаби

ишроқӣ аст. Яъне ҳам ба истидлоли ақлӣ мӯътақид аст ва ҳам ба кашфу шуҳуд, вале аз назари усул ва аз назари истинтоҷот, мутафовит аст.

Дар мактаби Садрулмутааллиҳин, бисёре аз масоили мавриди ихтилофи Машшоъ ва Ишроқ, ё мавриди ихтилофи фалсафа ва ирфон, ва ё мавриди ихтилофи фалсафа ва калом, барои ҳамеша ҳал шудааст. Фалсафаи Садрулмутааллиҳин як фалсафаи илтиқотӣ нест, балки як низоми хосси фалсафӣ аст, ки ҳарчанд равишҳои фикрии гуногуни исломӣ дар пайдоиши он муассир будаанд, бояд онро низоми фикрии мустақилле донист.

Садрулмутааллиҳин китобҳои мутаъаддид дорад, аз он ҷумла аст: "Асфори арбаъа", "Ашшавоҳидур-рубубия", "Мабдаъ ва маъод", "Аршия", "Машоъир", "Шарҳу Ҳидояи Асируддини Абҳарӣ" ва ғайра…

Ҳоҷӣ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ (1212 ҳ.қ-1297ҳ.қ), соҳиби китоби "Манзума" ва "Шарҳи Манзума", аз пайравони мактаби Садрулмутааллиҳин аст. Китоби "Шарҳи Манзума"-и Сабзаворӣ ва китоби "Асфор"-и Садрулмутааллиҳин ва китоби "Ишорот"-и Бӯалӣ Сино ва китоби "Шифо"-и Бӯалӣ Сино ва китоби "Ҳикматул-ишроқ"-и Шайхи Ишроқ, аз кутуби шойеъ ва мутадовале аст, ки дар мадориси динӣ тадрис мешаванд.

Садрулмутааллиҳин аз ҷумла корҳое, ки кард ин буд, ки ба мабоҳиси фалсафӣ, ки аз навъи сулуки фикрӣ ва ақлӣ аст, низом ва тартибе дод шабеҳи он чӣ урафо дар сулуки қалбӣ ва руҳӣ баён кардаанд.

Урафо мӯътақиданд, ки солик бо ба кор бастани равиши орифона, чаҳор сафар анҷом медиҳад:

1. Сайрун минал-халқи илал-Ҳаққ (сафар аз халқ ба сӯи Ҳақ). Дар ин марҳила, кӯшиши солик ин аст, ки аз табиат убур кунад ва порае оламҳои мовароуттабииро низ пушти сар бигузорад, то ба зоти Ҳақ восил шавад ва миёни ӯ ва Ҳақ ҳиҷобе набошад;
2. Сайрун бил-Ҳаққи фил-Ҳаққ (сафар бо Ҳақ дар Ҳақ). Ин марҳилаи дуввум аст. Яъне пас аз он ки солик зоти Ҳақро аз наздик шинохт, ба кӯмаки худи Ӯ ба сайр дар шуъун ва камолот ва асмо ва сифоти Ӯ мепардозад;
3. Сайрун минал-Ҳаққи илал-халқи бил-Ҳаққ (сафар аз сӯи Ҳақ ба сӯи халқ бо Ҳақ). Дар ин сафар, солик ба халқ ва миёни мардум бозгашт мекунад, аммо бозгашташ ба

маънои ҷудо шудан ва дур шудан аз зоти Ҳақ нест, зоти Ҳақро бо ҳама чиз ва дар ҳама чиз мебинад;

4. Сайрун фил-халқи бил-Ҳаққ (сафар дар халқ бо Ҳақ). Дар ин сафар, солик ба иршод ва ҳидояти мардум, ба дастгирии мардум ва расондани онҳо ба Ҳақ мепардозад.

Садрулмутааллиҳин масоили фалсафаро ба эътибори ин ки фикр навъе сулук аст, вале зеҳнӣ, ба чаҳор даста тақсим кард:

1. Масоиле, ки поя ва муқаддимаи мабҳаси тавҳид ҳастанд ва дар ҳақиқат, сайри фикри мост аз халқ ба Ҳақ (умури оммаи фалсафа);
2. Мабоҳиси тавҳид ва Худошиносӣ ва сифоти илоҳӣ (сайр ба Ҳақ дар Ҳақ);
3. Мабоҳиси афъоли Борӣ Таъоло, оламҳои куллии вуҷуд (сайр аз Ҳақ ба сӯи халқ бо Ҳақ);
4. Мабоҳиси нафс ва маъод (сайр дар халқ бо Ҳақ).

Китоби "Асфори арбаъа", ки ба маънии "Сафарҳои чаҳоргона" аст, бар асоси ҳамин низом ва тартиб аст.

Садрулмутааллиҳин, ки низоми хосси фалсафии хешро **Ҳикмати Мутаолия** ном ниҳод, фалсафаи машҳур ва мутадовалро — чӣ ишроқӣ ва чӣ машшоиро — фалсафаи оммия ё фалсафаи мутаъораф хонд.

**Назаре куллӣ ба фалсафаҳо ва ҳикматҳо**

Фалсафа ва ҳикмат ба мафҳуми омм, аз назарҳои мухталиф тақсимоти гуногун доранд, аммо агар аз лиҳози равиш дар назар бигирем, чаҳор навъ аст: ҳикмати истидлолӣ, ҳикмати завқӣ, ҳикмати таҷрибӣ, ҳикмати ҷадалӣ.

*Ҳикмати истидлолӣ* муттакӣ ба қиёс ва бурҳон аст. Сару кораш фақат бо суғро ва кубро ва натиҷа ва лозим ва нақиз ва зидд ва амсоли инҳост.

*Ҳикмати завқӣ* сару кораш танҳо бо истидлол нест, бештар бо завқ ва илҳом ва ишроқ аст. Ва бештар аз он чӣ аз ақл илҳом мегирад, аз дил илҳом мегирад.

*Ҳикмати таҷрибӣ* он аст, ки на бо ақл ва истидлоли қиёсӣ сару кор дорад ва на бо дил ва илҳомоти қалбӣ. Сару кораш бо ҳиссу таҷриба ва озмоиш аст. Яъне натоиҷи улумро, ки маҳсули таҷриба ва озмоиш аст, бо марбут кардан ба якдигар, ба сурати ҳикмат ва фалсафа дармеоварад.

*Ҳикмати ҷадалӣ* истидлолӣ аст, аммо муқаддимоти истидлол дар ин ҳикмат, он чизҳое аст, ки мантиқдонон онҳоро **машҳурот** ё **мақбулот** мехонанд.

Қаблан дар куллиёти мантиқ дар баҳси **синоъоти хамс** хондем, ки муқаддимоти истидлол чанд гуна аст. Аз он ҷумла муқаддимоте аст, ки онҳоро **бадеҳиёти аввалия** меноманд ва аз он ҷумла аст муқаддимоте, ки онҳоро **машҳурот** мехонанд.

Масалан, ин ки "Ду шайъи мусовӣ бо шайъи севвум, худашон мусовии якдигаранд", ки бо ҷумлаи "Мусовии мусовӣ мусовист" баён мешавад ва ҳамчунин ин ки "Маҳол аст як ҳукм бо нақизаш дар они воҳид сидқ кунанд", умуре бадеҳӣ ба шумор меравад ва аммо ин ки "Зишт аст инсон дар ҳузури дигарон даҳонашро ба хамёза боз кунад", як амри машҳуре аст.

Истинод ва истидлол ба бадеҳиёт, **бурҳон** номида мешавад, аммо истинод ва истидлол ба **машҳурот,** ҷузъи ҷадал ба шумор меравад.

Пас **ҳикмати ҷадалӣ** яъне ҳикмате, ки бар асоси машҳурот дар масоили ҷаҳонӣ ва кулли истидлол кунад. Мутакаллимон ғолибан пояи истидлолашон бар ин аст, ки фалон чиз зишт аст ва фалон чиз нек аст. Мутакаллимон, ба истилоҳ бар асоси **ҳусну қубҳи ақлӣ** истидлол мекунанд.

Ҳукамо муддаъӣ ҳастанд, ки ҳусну қубҳҳо ҳама марбут аст ба доираи зиндагии инсон ва дар бораи Худо ва ҷаҳон ва ҳастӣ бо ин меъёрҳо наметавон қазоват кард. Аз ин рӯ, ҳукамо **калом**-ро ҳикмати ҷадалӣ меноманд.

Ҳукамо мӯътақиданд, ки усули асосии дин бо муқаддимоти бурҳонӣ ва муттакӣ бар бадеҳиёти аввалия, беҳтар қобили истидлол аст, то бо муқаддимоти машҳурӣ ва ҷадалӣ. Ва чун дар давраи исломӣ тадриҷан фалсафа бидуни он ки аз вазифаи баҳси озоди худ хориҷ гардад ва худро қаблан **мутаъаҳҳид** созад, ба беҳтарин ваҷҳе усули исломиро таъйид кард. Аз ин рӯ, ҳикмати ҷадалӣ тадриҷан ба дасти амсоли Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ранги ҳикмати бурҳонӣ ва ҳикмати ишроқӣ гирифт ва калом таҳтушшуъои фалсафа воқеъ шуд.

Ҳикмати таҷрибӣ албатта фавқулъода боарзиш аст. Аммо айби ин ҳикмат ду чизи дигар аст. Яке ин ки доираи ҳикмати таҷрибӣ маҳдуд аст ба улуми таҷрибӣ, ва улуми таҷрибӣ маҳдуд аст ба масоили қобили ламс ва қобили ҳисс, дар сурате ки ниёзи фалсафии башар дар бораи масоиле аст басе васеътар аз он чӣ дар қаламрави таҷриба қарор мегирад.

Масалан, он гоҳ ки дар бораи оғоз барои замон ва ниҳоят барои макон ва мабдаъ барои иллатҳо баҳс мекунем, чӣ гуна метавонем дар озмоишгоҳ ва зери микроскоп ба мақсуди худ ноил гардем? Бинобар ин, ҳикмати таҷрибӣ натавонист ғаризаи фалсафии башарро ишбоъ кунад ва ночор шуд, ки дар масоили асосии фалсафӣ сукут ихтиёр кунад.

Дигар ин ки маҳдуд будан ва вобаста ба табиат будани масоили таҷрибӣ, арзиши онҳоро мутазалзил кардааст; ба тавре ки имрӯз мусаллам аст, ки масоили илмии таҷрибӣ арзиши муваққат дорад ва ҳар лаҳза интизори мансух шудани онҳо меравад. Ҳикмате ҳам, ки мабнӣ бар озмоиш бошад, табъан мутазалзил аст ва дар натиҷа як ниёзи асосии башарро, яъне итминон ва яқинро, ба башар намедиҳад.

Боқӣ мемонад ҳикмати истидлолӣ ва ҳикмати завқӣ. Масоиле, ки дар баҳсҳои оянда баррасӣ мешаванд, тавзеҳдиҳандаи ин ду ҳикмат ва баёнкунандаи арзиши онҳост.

**Масоили фалсафа**

Акнун лозим аст ҳарчанд ба таври мухтасар ва кӯтоҳ, феҳристе аз масоиле, ки дар фалсафаи исломӣ дар бораи онҳо таҳқиқ мешавад, ҳамроҳ бо як силсила тавзеҳоти равшангар, ба даст диҳем.

Масоили фалсафӣ бар меҳвари **мавҷуд** давр мезанад. Яъне он чизе ки дар фалсафа аз қабили **бадан** аст барои пизишкӣ ва аз қабили **адад** аст барои ҳисоб ва аз қабили **миқдор** аст барои ҳандаса, **мавҷуд бимо ҳува мавҷуд** аст. Ба иборати дигар, мавзӯи фалсафа **мавҷуд аз он назар, ки мавҷуд аст** мебошад. Ҳамаи баҳсҳои фалсафӣ дар атрофи ин мавзӯъ давр мезанад. Ба таъбир дигар, мавзӯи фалсафа **ҳастӣ** аст.

Масоиле, ки дар атрофи ҳастӣ давр мезанад, чанд гуна аст:

а) Масоиле, ки марбут аст ба ҳастӣ ва ду нуқтаи муқобили ҳастӣ, яъне: моҳият ва нестӣ.

Албатта дар ҷаҳони айнӣ ҷуз ҳастӣ чизе нест. Ҳастӣ дар моварои зеҳн нуқтаи муқобил надорад, вале ин зеҳни мафҳумсози башар ду маънӣ ва ду мафҳуми дигар дар муқобили ҳастӣ сохтааст: яке нестӣ, дигар моҳият (албатта моҳиятҳо). Як силсила масоили фалсафа, хусусан дар Ҳикмати Мутаолия, масоили марбут ба вуҷуд ва моҳият аст. Ва як силсила масоили дигар масоили марбут ба ҳастӣ ва нестӣ аст.

б) Дастаи дигар, масоили марбут ба ақсоми ҳастӣ аст. Ҳастӣ ба навбаи худ ақсоме дорад, ки ба манзилаи анвоъи он ба шумор мераванд. Ва ба иборати дигар: ҳастӣ дорои тақсимоте

аст аз қабили: тақсим ба айнӣ ва зеҳнӣ, тақсим ба воҷиб ва мумкин, тақсим ба ҳодис ва қадим, тақсим ба собит ва мутағайир, тақсим ба воҳид ва касир, тақсим ба қувва ва феъл, тақсим ба ҷавҳар ва араз. Албатта мақсуд тақсимоти аввалияи ҳастӣ аст. Яъне тақсимоте, ки бар ҳастӣ ворид мешавад аз он ҷиҳат, ки ҳастӣ аст. Масалан, тақсим ба сафед ва сиёҳ ё бузург ва кучак, мусовӣ ва номусовӣ, тоқ ва ҷуфт, баланд ва кӯтоҳ ва амсоли инҳо, аз инқисомоти мавҷуд бимо ҳува мавҷуд нест, балки аз инқисомоти мавҷуд бимо ҳува ҷисм ё мавҷуд бимо ҳува мутакаммим (каммиятпазир) аст. Яъне ҷисмият аз он ҷиҳат, ки ҷисмият ва ё каммият аз он ҷиҳат, ки каммият аст, ин инқисомотро мепазирад. Аммо инқисом ба воҳид ва касир ва воҷиб ва мумкин, инқисом ба мавҷуд бимо ҳува мавҷуд аст.

Дар фалсафа роҷеъ ба милоки ин инқисомот ва ташхиси ин ки чӣ инқисоме аз инқисомоти мавҷуд бимо ҳува мавҷуд аст ва чӣ инқисоме аз ин инқисомот нест, таҳқиқ дақиқ шудааст. Аҳёнан ба мавориде бармехӯрем, ки бархе тақсимотро баъзе аз фалосифа аз тақсимоти ҷисм бимо ҳува ҷисм медонистаанд ва хориҷ аз ҳавзаи фалсафаи уло фарз мекардаанд. Ва баъзеи дигар ба далоиле онҳоро аз тақсимоти мавҷуд бимо ҳува мавҷуд дониста ва дохил дар ҳавзаи фалсафаи уло шумурдаанд ва мо дар ҳамин баҳсҳо дар оянда ба баъзе аз онҳо ишора хоҳем кард.

в) Дастаи дигар, масоиле аст, ки марбут аст ба қонунҳои куллии ҳоким бар ҳастӣ аз қабили иллият, синхияти иллат ва маълул, зарурати ҳоким бар низоми иллат ва маълул, тақаддум ва таъаххур ва маъият дар маротиби ҳастӣ.

г) Бархе дигар, масоили марбут ба исботи табақоти ҳастӣ ё оламҳои ҳастӣ аст. Яъне ҳастӣ табақот ва оламҳои хоссе дорад. Ҳукамои исломӣ ба чаҳор олами куллӣ ё ба чаҳор нашъа мӯътақиданд:

1. Олами табиат (носут);
2. Олами мисол (малакут);
3. Олами уқул (ҷабарут);
4. Олами улуҳият (лоҳут).

Олами носут, яъне олами модда ва ҳаракат ва замон ва макон. Ва ба иборати дигар, олами табиат ва маҳсусот ё олами дунё.

Олами мисол ё малакут, яъне оламе бартар аз табиат, ки дорои суратҳо ва абъод аст, аммо фоқиди ҳаракат ва замон ва тағйир аст.

Олами ҷабарут, яъне олами уқул ё олами маънӣ, ки аз суратҳо ва ашбоҳ мубарро ва фавқи олами малакут аст.

Олами лоҳут, яъне олами улуҳият ва аҳадият.

д) Бархе дигар, масоили марбут ба равобити олами табиат бо оламҳои мофавқи худ аст. Ба ибораи беҳтар, марбут аст ба сайри нузулии ҳастӣ аз лоҳут то табиат, ва сайри суъудии табиат ба оламҳои болотар, махсусан дар мавриди инсон, ки ба номи **маъод** хонда мешавад ва бахши азимеро дар Ҳикмати Мутаолия ишғол кардааст.

**Вуҷуд ва моҳият**

Дар боби **вуҷуд ва моҳият** муҳимтарин баҳс ин аст, ки оё вуҷуд асил аст ё моҳият? Мақсуд ин аст, ки мо дар ашё ҳамвора ду маънӣ ташхис медиҳем ва ҳар ду маъниро дар бораи онҳо содиқ медонем. Он ду чиз яке **ҳастӣ** аст ва дигаре **чистӣ**. Масалан, медонем, ки инсон ҳаст, дарахт ҳаст, адад ҳаст, миқдор ҳаст… аммо адад як чистӣ ва як моҳият дорад ва инсон моҳият ва чистии дигаре. Агар бигӯем, **адад чист**, як посух дорад, ва агар бигӯем, **инсон чист**, посухи дигаре дорад.

Хеле чизҳо ҳастии равшане доранд, яъне медонем, ки ҳастанд, аммо намедонем, ки чистанд. Масалан, медонем, ки ҳаёт ҳаст, барқ ҳаст, аммо намедонем, ки ҳаёт чист, барқ чист.

Бисёр чизҳоро медонем, ки чистанд, масалан **доира** таърифи равшане пеши мо дорад ва медонем доира чист, аммо намедонем дар табиати айнӣ доираи воқеӣ вуҷуд дорад ё надорад. Пас маълум мешавад, ки ҳастӣ ғайр аз чистӣ аст.

Аз тарафе медонем, ки ин касрат — яъне дугонагии моҳият ва вуҷуд — сирфан зеҳнӣ аст, яъне дар зарфи хориҷ ҳар чизе ду чиз нест. Пас яке аз ин ду айнӣ ва асил аст ва дигарӣ эътиборӣ ва ғайри асил.

Албатта ин баҳс доманаи дарозе дорад ва ғарази мо дар ин баҳсҳо фақат ошноӣ бо истилоҳ аст. Он чӣ ин ҷо бояд бидонем ин аст, ки масъалаи асолати вуҷуд ва моҳият, собиқаи торихии зиёде надорад. Ин масъала дар ҷаҳони ислом ибтикор шудааст. Форобӣ, Бӯалӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва ҳатто Шайхи Ишроқ баҳсе ба унвони асолати моҳият ва асолати

вуҷуд тарҳ накардаанд. Ин баҳс дар замони Мирдомод (авоили қарни ёздаҳуми ҳиҷрӣ) вориди фалсафа шуд.

Мирдомод асолати моҳиятӣ буд, аммо шогирди номдораш Садрулмутааллиҳин асолати вуҷудро ба исбот расонд ва аз он торих, ҳамаи фалосифае, ки андешаи қобили таваҷҷӯҳе доштаанд, асолати вуҷудӣ будаанд.

Зимнан, ин нукта низ хуб аст гуфта шавад, ки дар асри мо, фалсафае равнақ гирифта, ки он низ гоҳе ба номи **Фалсафаи асолати вуҷуд** хонда мешавад ва он фалсафаи Экзистонсиёлизм (Existentialism) аст. Он чӣ дар ин фалсафа ба номи **асолати вуҷуд** хонда мешавад, марбут ба инсон аст ва дар бораи ин матлаб аст, ки инсон бар хилофи соири ашё, як моҳияти мушаххаси пешбинишуда ва як қолиби муайяни табиӣ надорад. Инсон чистии худро худ тарҳрезӣ мекунад ва худ месозад. Ин матлаб то ҳудуди зиёде матлаби дурусте аст ва дар фалсафаи исломӣ таъйид шудааст. Вале он чӣ дар фалсафаи исломӣ ба номи **асолати вуҷуд** хонда мешавад, аввалан ихтисос ба инсон надорад, балки марбут аст ба ҳамаи ҷаҳон. Сониян, дар асолати вуҷуди исломӣ баҳс дар бораи асолат ба маънии **айният** дар муқобили **эътиборият** ва **зеҳният** аст ва баҳси Экзистонсиёлизм дар бораи асолат ба маънии тақаддум аст, ва ба ҳар ҳол ин дуро набояд яке пиндошт.

**Айнӣ ва зеҳнӣ**

Яке аз тақсимоти вуҷуд ва ҳастӣ он аст, ки ҳастӣ ва вуҷуди як шайъ ё **айнӣ** аст ва ё **зеҳнӣ**. Ҳастии айнӣ яъне ҳастии хориҷӣ, ки мустақил аз зеҳни инсон аст. Медонем, ки масалан кӯҳ, дарё ва саҳро дар хориҷ аз зеҳни мо ва мустақил аз зеҳни мо вуҷуд доранд. Зеҳни мо хоҳ онҳоро тасаввур кунад ва хоҳ тасаввур накунад, балки хоҳ мо ва зеҳни мо вуҷуд дошта бошем ва хоҳ вуҷуд надошта бошем, кӯҳ, дарё ва саҳро вуҷуд дорад.

Вале ҳамин кӯҳ, дарё ва саҳро вуҷуде ҳам дар зеҳни мо доранд. Он гоҳ ки мо тасаввур мекунем онҳоро, дар ҳақиқат онҳоро дар зеҳни худ вуҷуд медиҳем. Вуҷуде, ки ашё дар зеҳни мо пайдо мекунанд, **вуҷуди зеҳнӣ** номида мешавад.

Ин ҷо ду пурсиш ҳаст. Яке ин ки: ба чӣ муносибат тасвирҳое, ки аз ашё дар зеҳни мо пайдо мешаванд, ба унвони вуҷуде аз он ашё дар зеҳни мо талаққӣ мешавад? Агар чунин аст, пас мебоист тасвире ҳам, ки аз ашё бар рӯи девор ё коғаз нақш мебандад, навъе дигар аз вуҷуд хонда шавад ба номи вуҷуди деворӣ ё коғазӣ. Мо агар тасвироти зеҳниро ба навъе **вуҷуд**

барои шайъи тасвиршуда таъбир кунем, дар ҳақиқат як **маҷоз** ба кор бурдаем, на **ҳақиқат**, ва ҳол ин ки сару кори фалсафа бояд бо ҳақиқат бошад.

Дигар ин ки масъалаи вуҷуди зеҳнӣ дар ҳақиқат марбут ба инсон аст ва яке аз масоили равонии инсонӣ аст ва чунин масъалае мебоист дар равоншиносӣ матраҳ шавад, на дар фалсафа. Зеро масоили фалсафа масоили куллӣ аст ва масоили ҷузъӣ марбут ба улум аст.

Дар посухи пурсиши аввал мегӯем, ки робитаи сурати зеҳнӣ бо шайъи хориҷӣ, масалан робитаи кӯҳ ва дарёи зеҳнӣ бо кӯҳ ва дарёи хориҷӣ, басе амиқтар аст аз робитаи акси кӯҳ ва дарё рӯи коғаз ё девор бо кӯҳ ва дарёи хориҷӣ. Агар он чӣ дар зеҳн аст, танҳо як тасвири сода мебуд, ҳаргиз маншаи огоҳӣ намешуд, ҳамчунон ки тасвир бар рӯи девор маншаи огоҳии девор намегардад, балки тасвири зеҳнӣ айни огоҳӣ аст.

Фалосифа дар масъалаи вуҷуди зеҳнӣ ба исбот расонидаанд, ки иллати огоҳии мо ба ашёи хориҷӣ ин аст, ки тасвироти зеҳнии мо, як тасвири сода нест, балки навъе вуҷуд ёфтани моҳияти ашёи хориҷӣ аст дар зеҳни мо. Ва аз ҳамин ҷо посухи пурсиши дуввум низ равшан мешавад, ва он ин ки ҳарчанд масъалаи тасвироти зеҳнӣ аз як назар як масъалаи равонии инсонӣ аст ва аз ҳамон назар бояд дар илми маърифатуннафс мавриди баҳс қарор гирад, вале аз он назар, ки зеҳни инсон воқеан як нашъаи дигар аз вуҷуд аст ва сабаб мегардад, ки ҳастӣ дар зоти худ ду гуна гардад: зеҳнӣ ва айнӣ, ҷои он дар фалсафа аст.

Бӯалӣ дар авоили илоҳиёти “Шифо” ба таври ишора ва Садрулмутаалliҳин дар таълиқоти хеш бар илоҳиёти “Шифо” ба таври сареҳ ва ба тафсил гуфтаанд, ки гоҳе як масъала аз ду назар ба ду фанн марбут мешавад. Масалан, ҳам ба фалсафа марбут мешавад ва ҳам ба улуми табиӣ.

**Ҳақиқат ва хато**

Масъалаи вуҷуди зеҳнӣ аз як зовияи дигар, ки мавриди мутолеа қарор гирад, марбут мешавад ба арзиши воқеънамоии идрокот. Яъне марбут мешавад ба ин ки идрокот ва тасаввуроти мо дар бораи олами хориҷ, чӣ андоза **воқеънамо** аст.

Яке аз масоили муҳим, ки аз қадимулайём мавриди таваҷҷӯҳи фалосифа будааст ин аст, ки оё он чӣ мо ба василаи ҳавосс ё ба василаи ақл дар бораи ашё идрок мекунем, бо воқеъ мутобиқат дорад ё на?

Гурӯҳе чунин фарз мекунанд, ки бархе идрокоти ҳиссӣ ё ақлии мо бо воқеъ мутобиқат дорад ва бархе надорад. Он идрокоте, ки бо **воқеият** мутобиқ аст, **ҳақиқат** хонда мешавад ва он чӣ ки мутобиқ нест, **хато** номида мешавад. Мо порае аз хатоҳои ҳавоссро мешиносем. Босира, сомеъа, зоиқа, ломиса, шомма ҷоизаулхато аст.

Дар айни ҳол, аксари идрокоти ҳиссии мо айни ҳақиқат аст. Мо шабу рӯзро, дуриву наздикиро, бузургиву кучакии ҳаҷмро, дуруштиву нармиро, сардиву гармиро бо ҳамин ҳавосс ташхис медиҳем ва шак надорем, ки айни ҳақиқат аст ва хато нест.

Ҳамчунин ақли мо ҷоизулхато аст. Мантиқ барои ҷилавгирии хатои ақл дар истидлолот тадвин шудааст. Дар айни ҳол, аксари истидлолоти ақлии мо ҳақиқат аст.

Вале суфистҳои юнонӣ, ки қаблан ҳам аз онҳо ёд кардем, тафовути **ҳақиқат** ва **хато**-ро мункир шуданд ва гуфтанд, ҳар кас ҳар гуна эҳсос кунад ва ҳар гуна биандешад, барои ӯ ҳамон **ҳақиқат** аст. Онҳо гуфтанд, миқёси ҳама чиз **инсон** аст. Суфистҳо ё суфастоиён асосан **воқеият**-ро инкор карданд ва чун **воқеият**-ро инкор карданд, дигар чизе боқӣ намонд, то идрокот ва эҳсосоти инсон дар сурати мутобиқат бо он, **ҳақиқат** бошад ва дар сурати адами мутобиқат, **хато**.

Ин гурӯҳ муосир бо Суқротанд. Яъне асри Суқрот муқорин аст бо поёни давраи суфастоиён.

Суқрот, Афлотун ва Арасту бар зидди инҳо қиём карданд. Прутогурос (*Protagoras*) ва Гургиёс (*Gorgias*) ду шахсияти маъруфи суфастоӣ мебошанд.

Дар давраҳои баъд аз Арасту, дар Искандария гурӯҳе дигар падид омаданд, ки шаккок ё Септисист (*Seepticism*) хонда шуданд ва маъруфтарини онҳо шахсе аст ба номи Пурҳу (*Pyrrho*). Шаккокон воқеиятро аз асл мункир нашуданд, вале мутобиқати идрокоти башарро бо воқеият инкор карданд.

Онон гуфтанд, инсон дар идроки ашё таҳти таъсири ҳолоти дарунӣ ва шароити хосси берунӣ ҳар чизро як гуна мебинад. Гоҳе ду нафар як чизро дар ду ҳолати мухталиф ва ё аз ду зовияи мухталиф менигаранд ва ҳар кадом ӯро ба гунае менигаранд.

Як чиз дар чашми яке зишт аст ва дар чашми дигаре зебо, дар чашми яке кучак аст ва дар чашми дигаре бузург, дар чашми яке яке аст ва дар чашми дигаре дуто, як ҳаво дар ломисаи

яке гарм аст ва дар ломисаи дигаре сард, як таъм барои яке ширин аст ва барои дигаре талх. Суфастоиён ва ҳамчунин шаккокон мункири арзиши воқеъноамоии илм шуданд.

Ақоиди суфастоиён ва шаккокон бори дигар дар асри ҷадид зинда шуд. Аксари фалосифаи Урупо тамоюл ба шаккокият доранд. Бархе аз фалосифа монанди суфастоиён воқеиятро аз асл инкор кардаанд.

Файласуфи маъруфе ҳаст ба номи Беркелей (*Berkeley*), ки зимнан усқуф низ мебошад, ки ба куллӣ мункири воқеияти хориҷӣ аст. Далелҳое, ки бар муддаъои хеш иқома кардааст, ончунон муғолатаомез аст, ки бархе муддаъӣ шудаанд, ки ҳанӯз аҳаде пайдо нашуда, ки битавонад далелҳои ӯро рад кунад, бо ин ки ҳама медонанд, ки муғолата аст.

Касоне ки хостаанд посухи суфастоиёни қадим аз қабили Прутогурос ва ё суфастоиён ва идеолистҳои ҷадид аз қабили Беркелейро бидиҳанд, аз роҳе ворид нашудаанд, ки битавонанд рафъи шубҳа намоянд.

Аз назари фалосифаи исломӣ, роҳи ҳалли асосии ин шубҳа он аст, ки мо ба ҳақиқати вуҷуди зеҳнӣ пай бибарем, танҳо дар ин сурат аст, ки муаммо ҳал мегардад.

Ҳукамои исломӣ дар мавриди вуҷуди зеҳнӣ аввал ба таъриф мепардозанд ва муддаъӣ мегарданд, ки **илм ва идрок иборат аст аз навъе вуҷуд барои идрокшуда дар идроккунанда**, он гоҳ ба зикри порае бароҳин мепардозанд барои исботи ин муддаъо ва сипас эродҳо ва ишколҳои вуҷуди зеҳниро нақл ва рад мекунад.

Ин баҳс ба ин сурат дар авоили давраи исломӣ вуҷуд надоштааст, ва ба тариқи авло, дар давраи юнонӣ вуҷуд надоштааст. Аввалин бор ба василаи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ баҳсе ба ин ном вориди кутуби фалсафа ва калом шуд ва сипас ҷои шоистаи хешро дар кутуби фалсафа ва калом бозёфт, ба тавре ки дар кутуби фалосифае монанди Садрулмутаалиҳин ва Ҳоҷӣ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, ҷои муҳимме дорад.

Форобӣ ва Бӯалӣ, ҳатто Шайхи Ишроқ ва пайравони онҳо, бобе ба номи **вуҷуди зеҳнӣ** дар кутуби хеш боз накардаанд. Истилоҳи **вуҷуди зеҳнӣ** баъд аз даври Бӯалӣ падид омадааст. Албатта он чӣ аз калимоте, ки Форобӣ ва Бӯалӣ ба муносибатҳои дигар тарҳ кардаанд бармеояд ин аст, ки ақидаи онҳо низ ин будааст, ки идрок иборат аст аз **таҷассуми ҳақиқати идрокшуда дар идроккунанда**, вале онҳо на бар ин муддаъо иқомаи бурҳон

кардаанд ва на онро ба унвони як масъалаи мустақил аз масоили вуҷуд ва як тақсими мустақил аз тақсимоти вуҷуд талаққӣ кардаанд.

**Ҳодис ва қадим**

Аз ҷумлаи баҳсҳои фалсафӣ, ки аз дерзамон ҷалби таваҷҷӯҳ кардааст, масъалаи ҳодис ва қадим аст.

Ҳодис дар урф ва луғат ба маънои **нав**, ва қадим ба маънои **кӯҳна** аст. Вале ҳодис ва қадим дар истилоҳи фалсафа ва калом, бо он чӣ дар урфи омм вуҷуд дорад фарқ мекунад. Мақсуди фалосифа аз ҳодис будан ва нав будани як чиз, он аст, ки он чиз пеш аз он ки **буд** шудааст, **нобуд** будааст. Яъне аввал набуда ва баъд буд шудааст. Мақсудашон аз қадим будан ва кӯҳна будан ин аст, ки он чиз ҳамеша будааст ва ҳеч гоҳ набудааст, ки набуда.

Пас агар мо дарахтеро фарз кунем, ки милёрдҳо сол умр карда бошад, он дарахт дар урфи омм кӯҳан ва бисёр кӯҳан аст, аммо дар истилоҳи фалсафа ва калом, ҳодис ва нав аст. Зеро ҳамон дарахт қабл аз он милёрдҳо сол набудааст.

Фалосифа **ҳудус**-ро ба **масбуқ будани ҳастии шайъ ба нестии худаш** ва **қидам**-ро ба **масбуқ набудани ҳастии шайъ ба нестии худаш** таъриф мекунанд. Пас, ҳодис иборат аст аз чизе ки нестияш бар ҳастияш тақаддум дошта бошад, ва қидам иборат аст аз мавҷуде, ки нестии муқаддам бар ҳастӣ барои ӯ фарз намешавад.

Баҳси **ҳодис ва қадим** ин аст, ки оё ҳама чиз дар олам ҳодис аст ва ҳеч чиз қадим нест? Яъне ҳар чиро дар назар бигирем, қаблан набуда ва баъд ҳаст шудааст? Ё ҳама чиз қадим аст ва ҳеч чиз ҳодис нест? Яъне ҳама чиз ҳамеша будааст, ё бархе чизҳо ҳодисанд ва бархе чизҳо қадим? Яъне масалан шаклҳо, суратҳо, зоҳирҳо ҳодисанд, аммо моддаҳо, мавзӯъҳо ва нопайдоҳо қадиманд? Ва ё ин ки афрод ва аҷзоъ ҳодисанд, аммо анвоъ ва куллҳо қадиманд? Ё ин ки умури табиӣ ва моддӣ ҳодисанд, вале умури муҷаррад ва мофавқи моддӣ қадиманд? Ва ё ин ки фақат Худо — яъне холиқи кулл ва иллатулилал — қадим аст ва ҳар чӣ ғайри ӯст ҳодис аст? Билохира, ҷаҳон ҳодис аст ё қадим?

Мутакаллимони исломӣ мӯътақиданд, ки фақат Худованд қадим аст ва ҳар чӣ ғайр аз Худост, ки ба унвони **ҷаҳон** ё **мосиво** номида мешавад — чӣ модда ва чӣ сурат, чӣ афрод ва чӣ анвоъ, чӣ аҷзоъ ва чӣ куллҳо, чӣ муҷаррад ва чӣ моддӣ — ҳама ҳодисанд. Вале фалосифаи исломӣ мӯътақиданд, ки ҳудус аз вижагиҳои олами табиат аст, вале оламҳои

мофавқи табиат муҷаррад ва қадиманд. Дар олами табиат низ усул ва куллиёт қадиманд, вале фуруъ ва ҷузъиёт ҳодисанд. Бар ҳамин асос, ҷаҳон аз назари фуруъ ва ҷузъиёт ҳодис аст, аммо аз назари усул ва куллиёт қадим аст.

Баҳс дар ҳудус ва қидами ҷаҳон кашмакашҳои сахтеро миёни фалосифа ва мутакаллимон барангехтааст. Ғаззолӣ, ки дар бештари мабоҳис завқи ирфонӣ дорад ва дар камтарини онҳо завқи каломӣ, Бӯалӣ Синоро ба сабаби чанд масъала, ки яке аз онҳо қидами олам аст, такфир мекунад. Ғаззолӣ китоби маъруфе дорад ба номи "*Таҳофутул-фалосифа*". Дар ин китоб 20 масъаларо бар фалосифа мавриди эрод қарор додааст ва ба ақидаи худ, таноқузгӯиҳои фалосифаро ошкор кардааст. Ибни Рушди Андалусӣ ба Ғаззолӣ посух гуфтааст ва номи китоби хешро "*Таҳофутут-таҳофут*" гузоштааст.

Мутакаллимон мегӯянд, агар чизе ҳодис набошад ва қадим бошад, яъне ҳамеша буда ва ҳеч гоҳ набуда, ки набудааст, он чиз ба ҳеч ваҷҳ ниёзманд ба холиқ ва иллат нест. Пас агар фарз кунем, ки ғайр аз зоти Ҳақ ашёи дигар ҳам вуҷуд доранд, ки қадиманд, табъан онҳо бениёз аз холиқ мебошанд, пас дар ҳақиқат онҳо ҳам монанди Худованд воҷибулвуҷуди биззотанд, вале бароҳине, ки ҳукм мекунад, ки воҷибулвуҷуди биззот воҳид аст, иҷоза намедиҳад, ки мо ба беш аз як воҷибулвуҷуд қоил шавем, пас беш аз як қадим вуҷуд надорад ва ҳар чӣ ғайр аз ӯст ҳодис аст.

Пас, ҷаҳон — чӣ муҷаррад ва чӣ моддӣ, чӣ усул ва чӣ фуруъ, чӣ афрод ва чӣ анвоъ, чӣ аҷзоъ ва чӣ куллҳо, чӣ модда ва чӣ муҷаррад, чӣ пайдо ва чӣ нопайдо — ҳодис аст.

Фалосифа ба мутакаллимон посухи муҳкам додаанд. Гуфтаанд, ки ҳамаи иштибоҳи шумо дар як матлаб аст, ва он ин аст, ки пиндоштаед агар чизе вуҷуди азалӣ ва доим дошта бошад, ҳатман бениёз аз иллат аст, ва ҳол он ки матлаб инчунин нест. Ниёзмандӣ ва бениёзии як шайъ нисбат ба иллат, ба зоти шайъ марбут аст, ки воҷибулвуҷуд бошад ё мумкинулвуҷуд, ва рабте ба ҳудус ва қидами ӯ надорад. Масалан, шуъои хуршед аз хуршед аст. Ин шуъоъ наметавонад мустақил аз хуршед вуҷуд дошта бошад. Вуҷудаш вобаста ба вуҷуди хуршед ва ношӣ аз ӯст, хоҳ он ки фарз кунем замоне буда, ки ин шуъоъ набудааст ва хоҳ он ки фарз кунем, ки ҳамеша хуршед буда ва ҳамеша ҳам шуъоъ доштааст. Агар фарз кунем, ки шуъои хуршед азалан ва абадан бо хуршед будааст, лозим намеояд, ки шуъоъ бениёз аз хуршед бошад.

Фалосифа муддаъӣ ҳастанд, ки нисбати ҷаҳон ба Худованд, нисбати шуъоъ ба хуршед аст, бо ин тафовут, ки хуршед ба худ ва кори худ огоҳ нест ва кори худро аз рӯи ирода анҷом намедиҳад, вале Худованд ба зоти худ ва ба кори худ огоҳ аст.

Дар мутуни аслии исломӣ гоҳе ба чунин таъбироте бармехӯрем, ки ҷаҳон нисбат ба Худованд ба шуъои хуршед ташбеҳ шудааст, ояти каримаи Қуръон мефармояд:

**الله نور السموات والأرض**

"**Худованд нури осмонҳо ва замин аст**." (*Нур, 35*)

Муфассирон дар тафсири он гуфтаанд, яъне Худованд нурдиҳандаи осмонҳо ва замин аст. Ба иборати дигар, вуҷуди осмон ва замин шуъоест илоҳӣ.

Фалосифа ҳеч далеле аз худи олам бар қадим будани олам надоранд. Онҳо аз он ҷиҳат ин муддаъоро дунбол мекунанд, ки мегӯянд, Худованд файёзи мутлақ ва қадимулэҳсон аст. Имкон надорад, ки файз ва эҳсони ӯро маҳдуд ва мунқатеъ фарз намоем. Ба иборати дигар: фалосифаи илоҳӣ бо навъе **бурҳони личмӣ**, яъне бо муқаддима қарор додани вуҷуд ва сифоти Худо, ба қидами олам расидаанд. Маъмулан мункирони Худо қидами оламро унвон мекунанд. Фалосифаи илоҳӣ мегӯянд, ҳамон чизе ки шумо онро далели нафйи Худо мегиред, аз назари мо лозимаи вуҷуди Худованд аст, ба илова, аз назари шумо қидами олам як фарзия аст ва аз назари мо як матлаб мубарҳан.

**Собит ва мутағайир**

Яке дигар аз баҳсҳои фалсафӣ, баҳси **собит ва мутағайир** аст, ки бо баҳси **ҳодис ва қадим** наздик аст. **Тағйир** яъне дигаргунӣ ва **сабот** яъне якнавохтӣ.

Бидуни шак, мо доиман шоҳиди тағйирот ва дигаргуниҳо дар ҷаҳон мебошем. Худи мо, ки ба дунё омадаем, доиман аз ҳоле ба ҳоле мунтақил шуда ва давраҳо тай карда ва хоҳем кард, то ба марги мо мунтаҳӣ шавад. Ҳамчунин аст вазъи замин, дарёҳо, кӯҳҳо, дарахтон, ҳайвонот, ситорагон, манзумаи шамсӣ, каҳкашонҳо ва ғайра…

Оё ин дигаргуниҳо зоҳирӣ аст ва марбут ба шакл ва сурат ва аърози ҷаҳон аст, ё амиқ ва асосӣ аст ва дар ҷаҳон ҳеч амри собите вуҷуд надорад? Ба илова, оё тағйироте, ки дар ҷаҳон рух медиҳад, дафъӣ ва онӣ аст, ё тадриҷӣ ва замонӣ?

Ин масъала низ масъалае куҳан аст ва дар Юнони бостон низ матраҳ будааст. Димукротис (*Democritus*), ки падари назарияи атом шинохта мешавад ва ба *файласуфи хандон* ҳам

машҳур аст, муддаъӣ буд, ки тағйирот ва таҳаввулот ҳама сатҳӣ аст. Зеро асоси ҳастии табиат зарроти атомӣ аст ва он заррот азалан ва абадан дар як ҳоланд ва тағйирнопазиранд. Ин тағйироте, ки мо мушоҳида мекунем, назири тағйироте аст, ки дар як тӯдаи сангреза мушоҳида кунем, ки гоҳе ба ин шакл ва гоҳе ба шакли дигар гирди ҳам ҷамъ шаванд, ки ба ҳар ҳол дар моҳият ва ҳақиқати онҳо тағйире рух намедиҳад.

Ин дид ҳамон аст, ки ба диди **мошинӣ** маъруф аст, ва ин фалсафа навъе фалсафаи меконикӣ аст.

Вале файласуфи дигаре ҳаст юнонӣ ба номи Ҳероқлитус (*Heraklit* ё *Heraelitus*), ки ӯ баръакс муддаъӣ аст, ки ҳеч чизе дар ду лаҳза ба як ҳол нест. Ин ҷумла аз ӯст: "*Наметавон ду бор дар як рӯдхона пой ниҳод*". Зеро дар лаҳзаи дуввум на фард ҳамон фард аст ва на рӯдхона он рӯдхона аст. Албатта ин фалсафа аз он ҷиҳат нуқтаи муқобили фалсафаи Димукротис қарор гирифтааст, ки ҳама чизро дар ҳоли ҷараён ва адами собот мебинад, аммо аз назари зидди меконикӣ — яъне аз назари ба истилоҳ диномикӣ — баёне надорад.

Дар фалсафаи Арасту дар ин ки ҳамаи аҷзоъи табиат тағйир мепазирад, баҳсе нест (яъне мавриди қабул аст), сухан дар ин аст, ки чӣ тағйироте тадриҷӣ ва замонӣ аст ва чӣ тағйироте дафъӣ ва онӣ? Тағйироти тадриҷӣ дар ин фалсафа ба номи **ҳаракат** номида мешавад ва тағйироти дафъӣ ба номи **кавну фасод**, яъне ба вуҷуд омадани дафъӣ ба номи **кавн** хонда мешавад ва фонӣ шудани дафъӣ ба номи **фасод.** Ва чун аз назари Арасту ва пайравони ӯ, тағйироти асосии ҷаҳон — махсусани тағйироте, ки дар ҷавҳарҳо рух медиҳад — ҳама дафъӣ аст, ин ҷаҳонро **ҷаҳони кавну фасод** мехонанд.

Он ҷо ки тағйирот дафъӣ аст, яъне сирфан дар як лаҳза сурат мегирад, дар ғайри он лаҳза собот барқарор аст. Пас агар тағйиротро дафъӣ бидонем, назар ба ин ки он тағйирот дар як **он** сурат мегирад ва дар ғайри он **он,** яъне дар **замон,** собитанд, инчунин мутағайироте мутағайири нисбӣ ва собити нисбӣ мебошанд. Пас агар тағйир ба наҳви ҳаракат бошад, **тағйири мутлақ** аст ва агар тағйир ба наҳви **кавну фасод** ва ба наҳви онӣ бошад, **тағйири нисбӣ** аст.

Пас, аз назари арастуиён, агарчӣ шайъи собити якнавохти мутлақ дар табиат вуҷуд надорад (бар хилофи назари димуқротисиён), балки ҳама чиз мутағайир аст, аммо назар ба ин ки

умда дар табиат ҷавҳарҳо ҳастанд ва ҷавҳарҳо тағйироташон дафъӣ аст, пас ҷаҳони саботи нисбӣ ва тағйири нисбӣ дорад ва сабот беш аз тағйир бар ҷаҳон ҳоким аст.

Арасту ва арастуиён — чунон ки медонем — ашёро ба наҳви хоссе дастабандӣ кардаанд ва маҷмӯан ашёро дохил – ё таҳти — даҳ ҷинси аслӣ, ки онҳоро **мақула** меноманд донистаанд; ба ин тартиб: мақулаи ҷавҳар, мақулаи кам, мақулаи кайф, мақулаи айн, мақулаи вазъ, мақулаи мато, мақулаи изофа, мақулаи ҷида, мақулаи феъл, мақулаи инфиъол.

Ба ақидаи арастуиён, ҳаракат танҳо дар мақулаи кам ва мақулаи кайф ва мақулаи айн воқеъ мешавад, дар соири мақулот ҳаракат сурат намегирад. Тағйироти соири мақулот ҳама дафъӣ аст, ва ба иборати дигар, соири мақулот аз саботи нисбӣ бархӯрдоранд ва се мақулае ҳам, ки ҳаракат дар онҳо вуқӯъ меёбад, назар ба ин ки худи ҳаракат доим нест, гоҳ ҳаст ва гоҳ нест, бар он се мақула низ саботи нисбӣ ҳукмфармост. Пас дар фалсафаи Арасту, сабот беш аз тағйир ва якнавохтӣ беш аз дигаргунӣ ба чашм мехӯранд.

Абӯалӣ ибни Сино мӯътақид шуд, ки дар мақулаи вазъ низ ҳаракат сурат мегирад. Яъне ӯ собит кард, ки бархе ҳаракот, монанди ҳаракати курра бар гирди меҳвари худаш, аз навъи ҳаракати вазъӣ аст, на аз навъи ҳаракати айнӣ. Аз ин рӯ, ҳаракоти айнӣ баъд аз Сино ихтисос ёфт ба ҳаракоти интиқолӣ. Он чӣ Абӯалӣ ибни Сино кашф кард ва мавриди қабули дигарон воқеъ шуд, вуҷуди як ҳаракати дигар набуд, балки тавзеҳи моҳияти як навъ ҳаракат буд, ки дигарон онро аз навъи ҳаракати айнӣ медонистанд ва ӯ собит кард, ки аз навъи ҳаракати вазъӣ аст.

Аз ҷумлаи таҳаввулоти асосӣ, ки дар фалсафаи исломӣ ба василаи Садрулмутааллиҳин рух дод, исботи **ҳаракати ҷавҳария** буд. Садрулмутааллиҳин собит кард, ки ҳатто бар усули арастуии модда ва сурат низ, бояд қабул кунем, ки ҷавҳарҳои олам дар ҳоли ҳаракати доим ва мустамир мебошанд, як лаҳза саботе дар ҷавҳарҳои олам вуҷуд надорад ва аъроз (яъне 9 мақулаи дигар) ба табаъи ҷавҳарҳо дар ҳаракатанд. Аз назари Садрулмутааллиҳин, **табиат мусовӣ аст бо ҳаракат ва ҳаракат мусовӣ аст бо ҳудус ва фанои мустамир ва доим**.

Бино бар асли ҳаракати ҷавҳария, чеҳраи ҷаҳони арастуӣ ба куллӣ дигаргун мешавад. Бино бар ин асл, табиат ва модда мусовӣ аст бо ҳаракат, ва замон иборат аст аз: **андоза ва кашиши ин ҳаракати ҷавҳарӣ, ва сабот мусовӣ аст бо мовароитабиӣ будан**. Он чӣ ҳаст ё тағйири мутлақ аст (табиат) ва ё саботи мутлақ (моварои табиат). Саботи табиат саботи

назм аст, на саботи вуҷуд ва ҳастӣ. Яъне бар ҷаҳон низоми мусаллам ва лоятағайяре ҳоким аст, вале муҳтавои низом, ки дар дохили низом қарор гирифтаанд, мутағайиранд, балки айни тағйиранд. Ин ҷаҳон, ҳам ҳастияш ношӣ аз моваро аст ва ҳам низомаш, ва агар ҳукумати ҷаҳони дигар намебуд, ин ҷаҳон, ки як порча лағзандагӣ ва дигаргунӣ аст, робитаи гузашта ва ояндааш қатъ буд.

*Гашт мубаддал оби ин ҷӯ чанд бор,*

*Акси моҳу акси ахтар барқарор.*

* * *

Дар яке аз баҳсҳои гузашта ишора карда будем, ки тақсимоти аввалияи ҳастӣ — яъне тақсимоте, ки мустақиман тақсими мавҷуд бимо ҳува мавҷуд аст — дар ҳавзаи фалсафаи уло аст.

Акнун мегӯем, ки баҳси собит ва мутағайир то қабл аз Садрулмутааллиҳин дар ҳавзаи табииёт шумурда мешуд, зеро ҳар ҳукм ва ҳар тақсиме, ки марбут ба ҷисм бимо ҳува ҷисм бошад, марбут ба табииёт аст. Чунин гуфта мешуд, ки ин ҷисм аст, ки ё собит аст ва ё мутағайир, ва ба таъбири дигар: ё сокин аст ва ё мутаҳаррик. Ва ба иборати дигар, ҳаракат ва сукун аз аворизи ҷисм аст. Пас, баҳси **собит ва мутағайир** сирфан бояд дар табииёт оварда шавад.

Арасту ва Ибни Сино ва пайравони онҳо мабоҳиси **ҳаракат ва сукун**-ро дар табииёт овардаанд.

Вале пас аз кашфи **асолати вуҷуд** ва кашфи **ҳаракати ҷавҳария** ба василаи Садрулмутааллиҳин ва равшан шудани ин ки ҷисм чизе нест, ки сирфан ҳаракат бар ӯ ориз шуда бошад ва аҳёнан ҳаракат аз ӯ салб шавад ва ҳолати адами ҳаракати ӯро сукун биномем, балки табиати олам айни ҳаракат мебошад. Нуқтаи муқобили ин ҳаракати ҷавҳарӣ **сабот** аст на **сукун.** Сукун дар мавриди ҳаракатҳои оризӣ содиқ аст, ки ҳолати **набуд**-и онро **сукун** мехонем, вале дар мавриди ҳаракати зотии ҷавҳарӣ сукун фарз надорад. Нуқтаи муқобили инчунин ҳаракати ҷавҳарӣ, ки айни ҷавҳар аст, ҷавҳарҳое ҳастанд, ки сабот айни зоти онҳост. Онҳо мавҷудоте ҳастанд мо фавқи макон ва замон ва орӣ аз қувва ва истеъдод ва абъоди маконӣ ва замонӣ. Бинобар ин, ин ҷисм нест, ки ё собит аст ва ё мутағайир, балки мавҷуд бимо ҳува мавҷуд аст, ки ё айни сабот аст (вуҷудоти мо

фавқи моддӣ) ва ё айни саялон ва шудан ва сайрурат ва ҳудуси истимрорӣ аст (олами табиат). Пас, вуҷуд ва ҳастӣ ҳамчунон ки дар зоти худ ба воҷиб ва мумкин тақсим мегардад, дар зоти худ ба собит ва сайёл мунқасим мешавад.

Ин аст, ки аз назари Садрулмутааллиҳин, танҳо қисмате аз ҳаракот — яъне ҳаракоти оризии ҷисм, ки нуқтаи муқобилашон сукун аст — шоиста аст, ки дар табииёт зикр шавад ва аммо соири ҳаракот ва ё ҳамон ҳаракот на аз он ҳайс, ки ориз бар ҷисми табиӣ мебошанд, бояд дар фалсафаи уло дар бораи онҳо баҳсу таҳқиқ ба амал ояд. Садрулмутааллиҳин мабоҳиси **ҳаракат**-ро дар умури оммаи "Асфор" зимни баҳси қувва ва феъл овардааст, ҳарчанд ҳақ ин буд, ки якбора фасли мустақилле барои он қарор медод.

Аз натоиҷи бисёр муҳимми ин кашфи бузург — мабнӣ бар ин ки вуҷуд дар зоти худ ба собит ва сайёл тақсим мешавад ва ин ки вуҷуди собит наҳвае аз вуҷуд аст ва вуҷуди сайёл наҳвае дигар аз вуҷуд аст — ин аст, ки **шудан** ва **сайрурат** айни мартибае аз ҳастӣ аст. Ҳарчанд ба эътиборе метавонем **шудан**-ро таркиб ва омехтагии ҳастӣ ва нестӣ бидонем, вале ин таркиб ва омехтагӣ таркиби ҳақиқӣ нест, балки навъе эътибор ва муҷоз аст.

Ҳақиқат ин аст, ки кашфи **асолати вуҷуд** ва **эътиборияти моҳият** аст, ки моро ба дарки ин муҳим муваффақ медорад. Яъне агар асолати вуҷуд набуд, аввалан тасаввури ҳаракати ҷавҳария номумкин буд, ва сонияи ин ки **саялон ва шудан ва сайрурат айни мартибае аз вуҷуд аст**, қобили тасаввур набуд.

Дар фалсафаи ҷадиди Урупо, ҳаракат аз тариқи дигар ҷои худро бозёфт ва ҷамъе аз фалосифа мӯътақид шуданд, ки ҳаракат рукни асосии табиат аст, ва ба иборати дигар — ба эътиқоди инон — табиат мусовӣ аст бо **шудан.** Аммо назар ба ин ки ин андеша бар пояи асолати вуҷуд ва инқисоми зотии вуҷуд ба собит ва сайёл набуд, ин фалосифа чунин тасаввур карданд, ки **шудан** ҳамон ҷамъ миёни нақизайн аст, ки қудамо маҳол медонистанд ва ҳамчунин гумон карданд, ки лозимаи **шудан,** бутлони асли **ҳува ҳувият** аст, ки қудамо онро мусаллам мепиндоштанд.

Ин фалосифа гуфтанд: асли ҳоким бар андешаи фалсафии қудамо **асли сабот** будааст ва қудамо чун мавҷудотро собит меангоштанд, чунин тасаввур мекарданд, ки амри ашё доир аст миёни **будан** ва **набудан.** Бинобар ин, аз ин ду яке бояд саҳеҳ бошад ва бас (асли имтиноъи иҷтимоъ ва иртифоъи нақизайн). Яъне ҳамвора ё будан аст ва ё набудан ва

шиққи севвуме дар кор нест. Ҳамчунин, чун қудамо ашёро собит меангоштанд, чунин тасаввур мекарданд, ки ҳар чизе ҳамвора худаш худаш аст (асли **ҳува ҳувият**). Вале бо кашфи асли ҳаракат ва тағйир дар табиат ва ин ки табиат доиман дар ҳоли **шудан** аст, ин ду асл беэътибор аст; зеро **шудан** ҷамъ миёни будан ва набудан аст ва он ҷо ки шайъ, ҳам будан аст ва ҳам набудан, **шудан** таҳаққуқ ёфтааст. Шайъ дар ҳоли шудан, ҳам ҳаст ва ҳам нест. Шайъ дар ҳоли шудан дар ҳар лаҳза худаш ғайри худаш аст, худаш дар айни ин ки худаш аст, худаш нест, худаш аз худаш салб мешавад. Пас, агар асли ҳоким бар ашё асли будан ва набудан буд, ҳам асли имтиноъи иҷтимоъи нақизайн саҳеҳ буд ва ҳам асли ҳува ҳувият, вале чун асли ҳоким, асли шудан аст, ҳеч кадом аз ин ду асл саҳеҳ нест.

Ба иборати дигар, асли имтиноъи иҷтимоъи нақизайн ва асли ҳува ҳувият, ки бар андешаи қудамо ҳукумати берақибе доштааст, ношӣ аз асли дигаре будааст, ки он низ бидуни чуну чаро бар андешаи қудамо ҳукмронӣ мекардааст ва он, **асли сабот** аст. Бо кашфи бутлони асли сабот ба василаи улуми табиӣ, қаҳран он ду асл низ беэътибор аст. Он чӣ гуфтем, тасаввури бисёре аз фалосифаи ҷадид — аз Ҳегел то асри ҳозир — аст.

Вале мо мебинем, ки Садрулмутааллиҳин аз роҳи дигар ба бутлони асли сабот мерасад, ва ҳаракате, ки ӯ кашф мекунад, ба маънии ин аст, ки табиат мусовӣ аст бо адами сабот ва сабот мусовӣ аст бо таҷарруд. Ва дар айни ҳол, ӯ ҳаргиз монанди фалосифаи ҷадид натиҷагирӣ намекунад ва намегӯяд, чун табиат мусовӣ аст бо **шудан** ва ба таъбири худи ӯ, мусовӣ аст бо саялон ва сайрурат, пас асли **имтиноъи ҷамъ ва рафъи нақизайн** ботил аст. Ӯ дар айни ҳол, ки **шудан**-ро навъе ҷамъи вуҷуд ва адам медонад, онро ҷамъи нақизайн намешуморад. Чаро? Иллати матлаб ин аст, ки ӯ асли муҳимтареро кашф кардааст ва он ин ки вуҷуд ва ҳастӣ дар зоти худ тақсим мешавад ба собит ва сайёл. Вуҷуди собит мартибае аз ҳастӣ аст, на таркибе аз ҳастӣ ва ғайри ҳастӣ, ва вуҷуди сайёл низ мартибае дигар аз ҳастӣ аст, на таркибе аз ҳастӣ ва ғайри ҳастӣ. Таркиби **шудан** аз ҳастӣ ва нестӣ, ҷамъ миёни ду нақиз нест, ҳамчунон ки салби шайъ аз нафси худ низ нест.

Иштибоҳи фалосифаи ҷадид ношӣ аз ду ҷиҳат аст; яке адами дарки инқисоми ҳастӣ ба собит ва сайёл ва дигар ин ки тасаввури онон дар бораи асли таноқуз ва асли тазодд норасо будааст.

**Иллат ва маълул**

Куҳантарин масъалаи фалсафа, масъалаи **иллат ва маълул** аст. Дар ҳар низоми фалсафӣ номи **иллат ва маълул** бурда мешавад, бар хилофи **асолати вуҷуд** ё **вуҷуди зеҳнӣ**, ки дар бархе низомҳои фалсафӣ ҷойгоҳи баланде дорад ва бархе аз низомҳои фалсафии дигар кучактарин огоҳӣ аз он надоранд ва ё баҳси **қувва ва феъл**, ки дар фалсафаи Арасту нақши муҳимме ифо мекунад ва ё баҳси **собит ва мутағайир,** ки дар фалсафаи Садрулмутааллиҳин мақоми шоистае ёфтааст.

**Иллият** навъе робита аст миёни ду шайъ, ки якеро **иллат** ва дигареро **маълул** мехонем, аммо амиқтарини робитаҳо. Робитаи иллат ва маълул ин аст, ки иллат вуҷуддиҳандаи маълул аст. Он чӣ маълул аз иллат дарёфт мекунад, тамоми ҳастӣ ва воқеияти хеш аст, бинобар ин агар иллат набуд, маълул набуд. Мо чунин робитае дар ҷои дигар суроғ надорем, ки агар яке аз ду тарафи робита набуд, дигарӣ ҳам набуд. Аз ин рӯ, ниёзи маълул ба иллат, шадидтарини ниёзҳост; ниёз дар асли ҳастӣ. Бинобар ин, агар бихоҳем **иллат**-ро таъриф кунем, бояд бигӯем: “**он чизе аст, ки маълул дар киён ва ҳастии худ ба ӯ ниёзманд аст**.”

Аз ҷумлаи масоиле, ки дар боби **иллат ва маълул** ҳаст ин аст, ки ҳар падидае маълул аст ва ҳар маълуле ниёзманд ба иллат аст, пас ҳар падидае ниёзманд ба иллат аст. Яъне агар чизе дар зоти худ айни ҳастӣ нест ва ҳастӣ бар ӯ ориз шуда ва падид омадааст, ночор дар асари дахолати омиле будааст, ки онро **иллат** меномем. Пас ҳеч падидае бидуни иллат нест. Фарзияи муқобили ин назария он аст, ки фарз шавад, падидае бидуни иллат падид ояд. Ин фарзия ба номи **судфа** ё **иттифоқ** номида мешавад. Фалсафа асли иллиятро мепазирад ва ба шиддат назарияи **судфа** ва **иттифоқ**-ро рад мекунад.

Инки ҳар падидае маълул ва ниёзманд ба иллат аст, мавриди иттифоқи фалосифа ва мутакаллимон аст, вале мутакаллимон чунин падидаеро ба **ҳодис** таъбир мекунанд ва фалосифа ба **мумкин**. Яъне мутакаллимон мегӯянд, ҳар **ҳодис** маълул ва ниёзманд ба иллат аст ва фалосифа мегӯянд, ҳар **мумкин** маълул ва ниёзманд ба иллат аст. Ва ин ду таъбири мухталиф натиҷаҳои мухталиф медиҳанд, ки дар баҳси **ҳодис ва қадим** ба он ишора кардем.

Масъалаи дигар дар боби **иллат ва маълул** ин аст, ки ҳар иллате фақат маълули хосс эҷод мекунад, на ҳар маълулеро, ва ҳар маълуле танҳо аз иллати хосс содир мешавад, на аз ҳар иллате. Ба иборати дигар, миёни мавҷудоти ҷаҳон вобастагиҳои хоссе ҳаст, пас ҳар чиз маншаи ҳар чизе наметавонад бишавад ва ҳар чизе ношӣ аз ҳар чизе наметавонад бошад. Мо дар таҷрибиёти оддии худ ба ин ҳақиқат ҷазм дорем, ки масалан ғизо хӯрдан иллати сер шудан аст ва об нӯшидан иллати сероб шудан ва дарс хондан иллати босавод шудан. Аз ин рӯ, агар бихоҳем ба ҳар як аз маълулоти номбурда даст биёбем, ба иллати хосси худаш мутавассил мешавем. Ҳеч гоҳ барои сер шудан, ба об нӯшидан ё дарс хондан мутавассил намешавем ва барои босавод шудан ғизо хӯрданро кофӣ намедонем.

Фалсафа собит мекунад, ки дар миёни тамоми ҷараёноти олам чунин робитаи мусалламе вуҷуд дорад ва ин матлабро ба ин таъбир баён мекунад: **миёни ҳар иллат бо маълули худаш синхият ва муносибати хоссе ҳукмфармост, ки миёни як иллат ва маълули дигар нест**.

Ин асл муҳимтарин асле аст, ки ба фикри мо интизом мебахшад ва ҷаҳонро дар андешаи мо, на ба сурати маҷмӯае ҳарҷу марҷ, ки дар он ҳеч чизе шарти ҳеч чизе нест, балки ба сурати дастгоҳе муназзам ва мураттаб дармеоварад, ки ҳар ҷузъи он ҷойгоҳи махсус дорад ва ҳеч ҷузъе мумкин нест дар ҷои ҷузъи дигар қарор гирад.

Масъалаи дигар дар боби **иллат ва маълул** ин аст, ки дар фалсафаи Арасту, иллат чаҳор қисм аст: иллати фоъилӣ, иллати ғоӣ, иллати моддӣ, иллати сурӣ. Дар маснуъоти башарӣ ин чаҳор иллат ба хубӣ содиқ аст: Масалан, агар хонае бисозем, банно ва коргарон иллати фоъилӣ аст ва сукунат дар он хона, иллати ғоӣ аст ва масолеҳи он хона иллати моддӣ аст ва шакли сохтмон — ки мутаносиб бо маскан аст, на масалан бо анбор ё ҳаммом ё масҷид — иллати сурӣ аст.

Аз назари Арасту, ҳар падидаи табиӣ — масалан як санг, як гиёҳ, як инсон — ҳам айнан дорои чаҳор иллати мазбур ҳаст.

Аз ҷумлаи масоили **иллат ва маълул** ин аст, ки иллат дар истилоҳи уламои табиӣ — яъне дар истилоҳи табииёт — бо иллат дар истилоҳи илоҳиёт ва уламои илми илоҳӣ андаке мутафовит аст. Аз назари илми илоҳӣ, ки акнун онро ба номи **фалсафа** мехонем, **иллат** иборат аст аз: **вуҷуддиҳанда**. Яъне фалосифа чизеро иллати чизи дигар мехонанд, ки он

чиз вуҷуддиҳандаи чизи дигар буда бошад, вагарна онро **иллат** намехонанд ва аҳёнан онро **муъидд** (яъне фароҳамоваранда) мехонанд. Вале уламои улуми табиӣ ҳатто дар мавриде, ки робита миёни ду чиз сирфан робитаи таҳрик ва таҳаррук аст, калимаи **иллат** итлоқ мекунанд. Бар ҳамин асос, дар истилоҳи уламои табиӣ, банно ва сохтмонсоз иллати хона аст, зеро банно ба василаи як силсила нақлу интиқолҳо билохира маншаи сохтани як хона шуда, вале уламои илми илоҳӣ ҳаргиз банноро иллати хона намехонанд. Зеро банно ба вуҷудоварандаи хона нест, балки масолеҳи хона қаблан вуҷуд доштааст ва кори банно фақат ин буда, ки ба онҳо созмон додааст. Ҳамчунин падару модар нисбат ба фарзанд тибқи истилоҳи уламои улуми табиӣ иллат шумурда мешаванд, вале бар асоси истилоҳи фалсафа, онҳо **муқаддима**, **муъидд** ва **маҷро** номида мешаванд ва иллат шумурда намешаванд.

Масъалаи дигар дар боби **иллат ва маълул** ин аст, ки силсилаи иллатҳо (албатта иллат ба истилоҳи фалосифа, на иллат ба истилоҳи уламои табиӣ, яъне иллатҳои вуҷуд, на иллатҳои ҳаракат) мутаноҳӣ ва поёнпазир аст ва маҳол аст номутаноҳӣ ва бе поён бошад. Яъне агар вуҷуди як шайъ содир аз иллате ва қоим ба иллате бошад ва вуҷуди он иллат низ қоим ба иллати дигар, ва вуҷуди он иллат низ қоим ба иллати дигар бошад, мумкин аст ҳазорҳо ва милюнҳо ва ё милёрдҳо иллат ва маълул ба ин тартиб ҳар кадом содир аз дигарӣ бошад ва боло биравад, вале дар ниҳояти амр ба иллате мунтаҳӣ мегардад, ки он иллат қоим ба зот аст ва қоим ба иллате дигар нест. Зеро тасалсули иллатҳои ғайри мутаноҳӣ ва бе поён маҳол аст. Фалосифа бароҳини зиёде иқома мекунанд бар имтиноъи тасалсули иллатҳои ғайри мутаноҳӣ, ва ин таъбирро мухаффаф мекунанд ва мегӯянд: **тасалсули иллатҳо маҳол аст**. Ва ғолибан таъбирро аз ин ҳам мухаффафтар мекунанд ва мегӯянд: **тасалсул маҳол аст**, ва албатта мақсуд ин аст, ки тасалсули илали ғайри мутаноҳӣ маҳол аст.

Калимаи **тасалсул** аз моддаи **салсала** аст, ки ба маънои занҷир аст. Пас тасалсул яъне занҷира шудани илали ғайри мутаноҳӣ. Фалосифа низом ва тартиби илал ва маълулотро ба ҳалқаҳои занҷир, ки ба тартиб пушти сари якдигар қарор гирифтаанд, ташбеҳ кардаанд.

**Вуҷуб, имкон ва имтиноъ**

Яке дигар аз масоили муҳимми фалсафа, баҳси **вуҷуб, имкон ва имтиноъ** аст. Мантиқдонон мегӯянд, агар маҳмулеро ба мазвӯе нисбат диҳем, масалан бигӯем: "*А Б аст*", робитаи Б бо А яке аз кайфиятҳои сегонаро хоҳад дошт: ё ин робита **робитаи зарурӣ** аст, яъне ҳатмӣ ва иҷтинобнопазир ва ғайри қобили тахаллуф аст, ва ба иборати дигар, ақл ибо дорад, ки хилофи онро қабул кунад. Ё баръакс, яъне робита **робитаи имтиноъӣ** аст, яъне маҳол аст, ки маҳмул оризи мавзӯъ гардад, ва ба иборати дигар, ақл аз қабули худи он ибо дорад. Ва ё ин робита ба гунае аст, ки мешавад мусбат бошад ва мешавад манфӣ бошад, яъне ҳам қобили исбот аст ва ҳам қобили нафй, ва ба иборати дигар, ақл на аз қабули худи он ибо дорад ва на аз қабули хилофаш.

Масалан, агар робитаи адади 4-ро бо "ҷуфт будан" дар назар бигирем ва бигӯем: "*Адади 4 ҷуфт аст*", ин робита зарурӣ ва ҳатмӣ аст, ақл аз қабули хилофи он ибо дорад. Ақл мегӯяд, адади 4 ҷуфт аст заруратан, пас он чӣ бар ин робита ҳоким аст, **вуҷуб** ва **зарурат** аст.

Вале агар бигӯем: "*Адади 5 ҷуфт аст*", робита робитаи имтиноъӣ аст. Яъне адади 5 аз "ҷуфт будан" имтиноъ дорад ва ақли мо ҳам, ки ин маъниро дарк мекунад, аз қабули он ибо дорад, пас робитаи ҳоким миёни адади 5 ва "ҷуфт будан" **имтиноъ** ва **маҳол будан** аст.

Аммо агар бигӯем: "*Имрӯз ҳаво офтобӣ аст*", робита як **робитаи имконӣ** аст. Яъне табиати рӯз на иқтизо дорад, ки ҳатман офтобӣ бошад ва на иқтизо дорад, ки ҳатман абрӣ бошад, тибқи табиати рӯз ҳар ду тараф мумкин аст. Дар ин ҷо робита миёни рӯз ва офтобӣ будан, **робитаи имконӣ** аст.

Пас робита миёни ҳар мазвӯе бо ҳар маҳмуле, ки дар назар бигирем, дар воқеъ аз яке аз ин се кайфият, ки аҳёнан онҳоро ба мулоҳизаи хоссе **модда** низ меноманд, холӣ нест. Он чӣ мо ин ҷо гуфтем, сухани мантиқдонон буд.

Фалосифа, ки баҳсашон дар бораи **вуҷуд** аст, мегӯянд, ҳар **маънӣ** ва **мафҳум**-ро, ки дар назар бигирем ва мавзӯъ қарор диҳем ва **вуҷуд**-ро ба унвони маҳмул ба он нисбат диҳем, аз яке аз се қисм хориҷ нест: ё робитаи вуҷуд бо он мафҳум ва маънӣ, вуҷубӣ аст, яъне заруратан ва вуҷубан он чиз вуҷуд дорад. Мо онро **воҷибулвуҷуд** меномем.

Баҳси Худо дар фалсафа, таҳти унвони **баҳси исботи воҷибулвуҷуд** зикр мешавад. Бароҳини фалсафӣ ҳукм мекунад, ки мавҷуде, ки нестӣ бар ӯ маҳол аст ва ҳастӣ барои ӯ зарурӣ аст, вуҷуд дорад.

Ва агар робитаи вуҷуд бо ӯ манфӣ ва имтиноъӣ аст, яъне маҳол аст, ки мавҷуд бошад, балки заруратан ва вуҷубан бояд набошад, он чизро **мумтанеъулвуҷуд** меномем. Мисли ҷисме, ки дар они воҳид ҳам куравӣ бошад ва ҳам мукаъаб.

Ва аммо агар робитаи вуҷуд бо он маънӣ, робитаи имконӣ аст — яъне он маънӣ зоте аст, ки на аз вуҷуд ибо дорад ва на аз адам — мо он чизро **мумкинулвуҷуд** меномем. Ҳамаи ашёи олам монанди инсон, ҳайвон, дарахт, об ва ғайра, ки ба ҳукми як силсила иллатҳо падид меоянд ва сипас маъдум мегарданд, мумкинулвуҷуданд.

Масъалаи дигар дар бораи вуҷуб ва имкон ин аст, ки ҳар мумкинулвуҷуди зотӣ ба василаи иллаташ воҷибулвуҷуд мешавад, аммо воҷибулвуҷуди ғайрӣ, на зотӣ. Яъне ҳар мумкинулвуҷуд агар маҷмӯи иллатҳо ва шароиташ мавҷуд шавад, ҳатман мавҷуд мешавад ва воҷибулвуҷуди ғайрӣ мегардад. Ва агар мавҷуд нагардад — ҳатто агар яке аз шароит ва яке аз аҷзои иллаташ мафқуд бошад – мумтанеъулвуҷуди ғайрӣ мегардад.

Аз ин рӯ, фалосифа мегӯянд: **Ҳар чизе то вуҷудаш ба марҳилаи вуҷуб ва зарурат нарасад, мавҷуд намегардад**.

Пас ҳар чизе, ки мавҷуд шуда ва мешавад, ба ҳукми зарурат ва вуҷуб ва дар як низоми қатъӣ ва тахаллуфнопазир мавҷуд мегардад. Пас низоми ҳоким бар ҷаҳон ва ашё, як низоми зарурӣ ва вуҷубӣ ва қатъӣ ва тахаллуфнопазир аст, ва ба истилоҳи фалосифаи имрӯз, низоми ҳоким бар ҷаҳон як **низоми ҷабрӣ** аст. Албатта ин ҷабр бо ҷабре, ки дар муқобили ихтиёр дар мавриди инсон ба кор бурда мешавад, яке нест. Ин ду набояд бо якдигар иштибоҳ шавад. Зарурӣ будани низоми ҷаҳон, бо ихтиёри инсон мунофот надорад.

Дар баҳси иллат ва маълул гуфта будем, ки асли **синхият миёни иллат ва маълул** ба фикри мо интизоми хосс мебахшад ва як пайвастагии хоссе миёни аслҳо ва фаръҳо, миёни иаллатҳо ва маълулҳо дар зеҳни мо муҷассам мекунад.

Акнун мегӯем, ин асл — ки ҳар мумкинулвуҷуд аз иллати худ зарурат касб мекунад, ки аз ҷиҳате марбут аст ба иллат ва маълул ва аз ҷиҳате марбут аст ба зарурат ва имкон — ба низоми фикрии мо дар бораи ҷаҳон, ранги хосс медиҳад. Ва он ин ки ин низом як низоми

зарурӣ ва ҳатмӣ ва тахаллуфнопазир аст. Фалсафа ин матлабро бо иборати кӯтоҳи **асли зарурати иллату маълулӣ** баён мекунад.

Агар мо асли иллияти ғоиро дар табиат бипазирем — яъне бипазирем, ки табиат дар сайру ҳаракати худ ғоятҳоеро ҷустуҷӯ мекунад ва ҳамаи ғоятҳо ҳам ба як ғояти аслӣ, ки ғояти ғоятҳост мунтаҳӣ мегардад — боз низоми ҳоким бар ҷаҳон ранги тозаи дигаре пайдо мекунад. Мо дар ин ҷо вориди баҳси **ғоятҳо**, ки фавқулода ҷолиб ва муҳим аст, намешавем ва ба дарсҳои тахассусии фалсафа вогузор мекунем.

Баҳси мо дар бораи **куллиёти фалсафа** дар ин ҷо ба поён мерасад. Аммо тасмим дорам, баҳсҳои тахассусии фалсафаро низ матраҳ кунам. Барои ин манзур, қасд дорам китоби "*Фалсафа ва равиши реализм*", таълифи Аллома Таботабоӣ бо шарҳи Устод Мутаҳҳариро аз оғоз то ба поён биёварам; китобе, ки ба назарам, беҳтарин китоб дар заминаи фанни фалсафа дар қарни 20-ум ба шумор меравад. Дар ин китоб, хонанда илова бар ин ки бо фалсафаи исломӣ ошно мешавад, бо фалсафаи ғарб ҳам ба хубӣ ошно хоҳад шуд. Иншоаллоҳ яке ду рӯзи дигар, агар умре боқӣ буд, ин баҳсҳоро хоҳам овард.